САРҚОНУН - БАХТНОМАИ МИЛЛАТ!

*ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ОН АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД*



# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** №6 (13) 7-УМИ НОЯБРИ СОЛИ 2014, ҶУМЪА

**Конститутсияи кишвар, ки таҷассумгари орзуву ормони озодандешӣ ва ғояҳои ҷовидонаи мардуми мо мебошад, барои пойдории ҳокимияти конститутсионӣ, таҳкими рукнҳои давлатдорӣ, ноил гардидан ба пешравиҳои азими сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ, ба вуҷуд овардани асосҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва муҳайё намудани фазои мусоид барои ташаккули озодонаи ҳар фард заминаи мустаҳкам ва боэътимоди ҳуқуқӣ гузошт.**

***Эмомалӣ Раҳмон***

## ИНКИШОФИ КОНСТИТУТСИОНАЛИЗМ ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ



Таҳти ин унвон санаи 29-уми октябри соли ҷорӣ дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ конфронси байналмилалӣ бахшида ба 20-умин солгарди Сарқонуни ҶТ баргузор гардид. Конфронсро ректори ДМТ, профессор Имомов М.С. кушода, меҳмонон ва иштирокчиёни ин чорабиниро ба 20-умин солгарди қабули Сарқонуни ҶТ табрик намуд. Қайд намуд, ки факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар баргузории чунин чорабиниҳо пешсаф буда, доимо дар ин самт устодони ин даргоҳ фаъол ҳастанд. Дар ин конфронс устодони ДМТ, намояндагони баландпояи мақомоти давлатӣ ва меҳмонон аз Федератсияи Русия ва Қирғизистон иштирок намуда, баромадҳо карданд. Дар конфронси мазкур А.М. Диноршоев мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионии ДМТ, А.Е. Епифанов профессори кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва мунисипиалии Донишгоҳи давлатии Волгоград, Е.М. Павленко мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқи инсони Донишгоҳи давлатии иқтисодиёт, омор ва информатикаи шаҳри Москва, Б.С. Гадоев дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии ДМТ, Н.Т. Шерипов мудири кафедраи ҳуқуқи маъмурии Донишгоҳи давлатии Қирғизистон ба номи Ж. Баласагин, Ш.М. Менглиев профессори кафедраи ҳуқуқи байналмилалии ДМТ, Ф.С. Сулаймонов дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалии ДМТ, Х.Н. Ҳиматов докторанти ДМТ, Д.Ш. Сангинов мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати ДМТ, Х.М. Ғафуров дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории ДМТ ва дигар шахсон бо маърӯзаҳо баромад намуданд.

**Ҷаҳонгир Саъдизода**

## ДАР ИН ШУМОРА:

### САРҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН - ҲУҶҶАТИ САРНАВИШТСОЗ




САҲ. 4-5

### Ломбард ё гаравхона?

**Ломбард ин муассисаи кредитӣ мебошад, ки бо додани қарз дар шакли пул бо мондани гарави амволи манқул вобаста аст. Дар асрҳои миёна дастрасии маҳдуд ба гирифтани қарз шахсони камбизоатро дар як ҳолати ноадолатона дар вобастагӣ ба судхӯрон қарор дода буд...**




САҲ. 4-5

### ЗАЛОГ РАЗВИТИЯ ОБЩЕСТВА И ЛИЧНОСТИ - В СОБЛЮДЕНИИ КОНСТИТУЦИИ

САҲ. 3

### ҲУҚУҚИ ИШТИРОК ДАР ҲАЁТИ СИЁСӢ ВА ИДОРАИ ДАВЛАТӢ ДАР ПАРТАВИ САРҚОНУН

САҲ. 6

### КОНСТИТУТСИЯ - САНАДИ ТАҚДИРСОЗИ МИЛЛАТ

САҲ. 7

### ТАҶЛИЛИ 20-СОЛАГИИ САРҚОНУНИ ҶТ - БОИСИ ТАВЛИДИ ҚОНУНИ ИНСОНДӮСТОНА

САҲ. 8

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ АВФ

**Пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ намуда, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати амалӣ намудани принсипи инсондӯстӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи авф"-ро қабул мекунад.**

**Моддаи 1**

Шахсони ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкумшудае, ки аз чор се ҳиссаи ҷазои бо ҳукми суд таъиншударо дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ воқеан адо кардаанд, аз адои ҷазо озод карда шаванд.

**Моддаи 2**

Аз адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ, новобаста аз мӯҳлати ҷазои таъиншуда ва аз адои ҷазоҳои дигари ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабуда маҳкумшудагони зерин озод карда шаванд:

1) Занон.

2) Ноболиғон.

3) Мардони аз синни 55 боло.

4) Маъюбони гурӯҳҳои I, II ва III, инчунин шахсони гирифтори бемориҳои омоси бадсифати марҳалаи 4 ва гурӯҳи клиникии 4 аз рӯи таснифи байналмилалӣ, омоси бадсифати бофтаҳои лимфоидӣ ва хунофар, сили узвҳои нафас ва пошхӯрдаи шадиди шуш, бемории ишемиявии дил - стенокардияи фаъолияти ҷисмонии гурӯҳҳои III ва IV мансуб донисташуда.

5) Иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда, иштирокчиёни амалиётҳои ҷангӣ дар ҳудуди дигар давлатҳо ва иштирокчиёни муқовиматҳои сиёсӣ ва ҳарбӣ дар Тоҷикистон, инчунин шахсоне, ки бар асари фалокати Нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил зарар дидаанд.

6) Шахсоне, ки бо мукофотҳои давлатии ИҶШС, ҶШС Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шудаанд.

7) Шахсоне, ки аз даъват ба хизмати ҳатмии ҳарбӣ саркашӣ намудаанд, худсарона қисми ҳарбӣ ё маҳалли хизматро тарк кардаанд, аз қисми ҳарбӣ ё аз ҷои хизмат бо роҳи худсарона баромада рафтан фирор кардаанд, агар онҳо ихтиёран ба хизмати ҳарбӣ баргарданд, инчунин шахсоне, ки аз иҷрои вазифаҳои хизмати ҳарбӣ бо роҳи узвмаибкунӣ ё усули дигар саркашӣ кардаанд.

8) Шаҳрвандони хориҷӣ.

**Моддаи 3**

Маҳкумшудагоне, ки аз беэҳтиётӣ ҷиноят содир намудаанд, новобаста аз намуди ҷазои таъиншуда аз адои ҷазо озод карда шаванд.

Моддаи 4

Маҳкумшудагони зерин аз адои минбаъдаи ҷазо озод карда шаванд:

1) Маҳкумшудагоне, ки нисбати онҳо барои қасдан содир кардани ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба мӯҳлати то панҷ сол ва ҷазоҳои дигари ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабуда таъин карда шудаанд.

2) Маҳкумшудагоне, ки то мавриди амал қарор гирифтани Қонуни мазкур мӯҳлати адонагардидаи ҷазои маҳрумӣ аз озодиашон то як солу шаш моҳ боқӣ мондааст, новобаста аз маҳдудиятҳо ва манъкуниҳои дар Қонуни мазкур пешбинигардида, ба истиснои шахсоне, ки барои содир намудани ҷиноятҳои дар моддаҳои 61-67, 104, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 121 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1961), қисми 2 моддаи 104, қисми 3 моддаи 138, қисмҳои 2 ва 3 моддаи 179, қисми 2 моддаи 1791, қисмҳои 2 ва 3 моддаи 1792, қисми 2 моддаи 1793, моддаҳои 187, 305, 306, қисмҳои 2 ва 3 моддаи 307, қисми 3 моддаи 3072, моддаҳои 308, 309, 347 (агар хабар надодан дар бораи ҷиноят ё пинҳон доштани он ба ҷиноятҳои хусусияти террористидошта вобаста бошад) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1998) пешбинигардида маҳкум гардидаанд.

**Моддаи 5**

Маҳкумшудагони зерин аз ҷазо ё адои ҷазо озод карда шаванд:

1) Агар нисбати онҳо иҷрои ҳукм мавқуф гузошта шуда бошад.

2) Агар нисбати онҳо ҷазо шартан татбиқ накарда шуда бошад.

3) Агар онҳо шартан пеш аз мӯҳлат аз адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ озод шуда бошанд ё ҷазоро дар колонияҳои ислоҳии сукунат адо карда истода бошанд.

4) Агар онҳо шартан пеш аз мӯҳлат аз адои ҷазо озод шуда бошанд.

5) Агар онҳо ба ҷазоҳои дигари ба маҳрум сохтан аз озодӣ алоқаманднабуда маҳкум шуда бошанд.

6) Агар онҳо барои содир кардани ҷиноятҳои дар моддаҳои 245, 246, 247, 253 ва 257 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1998) пешбининамуда маҳкум шуда, зарари моддии расонидашударо пурра талофӣ намуда бошанд.

7) Заноне, ки ҷинояти одамкуширо дар натиҷаи мунокишаҳои оилавӣ содир намуда, аз се ду ҳиссаи ҷазои бо ҳукми суд таъиншударо воқеан адо карда бошанд.

**Моддаи 6**

Пешбурди парвандаҳои ҷиноятии зерин, ки таҳти таҳқиқ, тафтиши пешакӣ ва баррасии судӣ қарор доранд ё аз тарафи судҳо баррасӣ нагардидаанд, қатъ карда шавад:

1) Оид ба ҷиноятҳое, ки то рӯзи мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур аз тарафи шахсони дар моддаи 2 ҳамин Қонун пешбинишуда содир гардидаанд.

2) Нисбати шахсоне, ки аз беэҳтиётӣ ҷиноят содир намудаанд.

3) Нисбати шахсоне, ки қасдан ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна содир намудаанд.

4) Нисбати шахсоне, ки ҷиноятҳои пешбининамудаи моддаҳои 245, 246, 247, 253 ва 257 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1998)-ро содир карда, зарари моддии расонидашударо пурра талофӣ намудаанд.

**Моддаи 7**

Мӯҳлати адонагардидаи ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ нисбати маҳкумшудагони зерин, ки таҳти амали моддаҳои 1, 2, 4, банди 6) моддаи 5 Қонуни мазкур қарор намегиранд, ба истиснои маҳкумшудагоне, ки дар моддаҳои 8 ва 16 Қонуни мазкур пешбинӣ шудаанд, кам карда шавад:

1) Ҷазои маҳкумшудагоне, ки барои содир кардани ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна ба онҳо ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ таъин карда шудааст ё аз рӯи ҷазои ҷиноятии қаблан таъиншуда доғи судиашон барҳам нахӯрдааст ва боз барои қасдан содир кардани ҷиноятҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна ба онҳо ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ таъин карда шудааст - аз ду як ҳисса.

2) Ҷазои маҳкумшудагоне, ки барои содир кардани ҷиноятҳои вазнин ба онҳо ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ таъин карда шудааст - аз се як ҳисса.

3) Ҷазои маҳкумшудагоне, ки барои содир кардани ҷиноятҳои махсусан вазнин ба онҳо ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ таъин карда шудааст - аз чор як ҳисса.

4) Ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ нисбати маҳкумшудагоне, ки то содир кардани ҷиноят дар мақомоти адлия, судӣ, прокуратура, ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ хизмат кардаанд, ба истиснои маҳкумшудагоне, ки ҷиноятҳои дар бандҳои 1) ва 2) моддаи 8 Қонуни мазкур пешбинишударо содир кардаанд - се солӣ.

**Моддаи 8**

Муқаррароти моддаи 7 Қонуни мазкур нисбат ба маҳкумшудагони зерин татбиқ карда намешаванд:

1) Шахсоне, ки бо моддаҳои 61-70, 74, 104 ва 105 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1961) маҳкум шудаанд (ба истиснои занон ва ноболиғон).

2) Шахсоне, ки бо моддаҳои 104, 1301, қисми 3 моддаи 138, моддаҳои 179, 1791, 1792, 1793, 185, 186, 187, 188, 189, қисмҳои 2 ва 3 моддаи 195, моддаи 199, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 200, қисми 3 моддаи 237, қисми 4 моддаи 248, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 249, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 250, моддаҳои 305-310, 313, 331, 332, қисми 2 моддаи 335, қисми 2 моддаи 3351, моддаҳои 347 (агар хабар надодан дар бораи ҷиноят ё пинҳон доштани он ба ҷиноятҳои хусусияти террористидошта вобаста бошад), 365, 395-405 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1998) маҳкум шудаанд (ба истиснои занон ва ноболиғон).

3) Шахсоне, ки ба ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан маҳкум шудаанд.

4) Шахсоне, ки нисбати онҳо ҷазои қатл ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ иваз карда шудааст.

5) Шахсоне, ки пештар бо татбиқи қонунҳо дар бораи авф аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ё аз ҷазо барои содир кардани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин озод карда шудаанд ва боз қасдан ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин содир намудаанд, агар мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва ё ҷазое, ки аз рӯи он қонунҳо дар бораи авф татбиқ карда шудааст, нагузашта бошад.

6) Шахсоне, ки нисбати онҳо ду маротиба ва зиёда аз он мӯҳлати адонагардидаи ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ бинобар татбиқи қонунҳо дар бораи авф кам карда шудааст.

7) Шахсоне, ки барои содир кардани ҷинояти қасдона дар маҳалли адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд.

8) Маҳкумшудагоне, ки мутобиқи қисми 4 моддаи 80 Кодекси иҷрои ҷазои ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз муассисаҳои ислоҳӣ ба маҳбас гузаронида шудаанд, агар мӯҳлати дар маҳбас нигоҳ доштани онҳо нагузашта бошад.

**Моддаи 9**

1. Муқаррароти моддаҳои 1, 2, банди 1) моддаи 4 ва моддаи 6 Қонуни мазкур нисбати шахсоне, ки барои ҷиноятҳои зерин ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд ё маҳкум гардидаанд, ба истиснои занон ва ноболиғон, татбиқ карда намешаванд:

1) Барои ҷиноятҳои пешбининамудаи моддаҳои 61-70, 74, 75, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 76, қисми 4 моддаи 90, моддаи 91, қисми 3 моддаи 95, моддаҳои 104, 105, қисми 2 моддаи 111, моддаҳои 121, 1341, қисми 3 моддаи 135, қисми 4 моддаи 154, моддаҳои 155, 156, қисми 3 моддаи 160, қисми 3 моддаи 227, қисми 3 моддаи 233, қисмҳои 1 ва 2 моддаи 234, моддаи 2341, қисми 2 моддаи 240, моддаи 2401, қисми 3 моддаи 241, банди "в" моддаи 249, бандҳои "б" ва "в" моддаи 250, банди "б" моддаи 252, банди "в" моддаи 270, моддаҳои 276 ва 277 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1961).

2) Барои ҷиноятҳои пешбининамудаи моддаҳои 104, қисмҳои 2 ва 3 моддаи 110, қисмҳои 2 ва 3 моддаи 130, қисмҳои 2 ва 3 моддаи 1301, қисми 3 моддаи 131, қисми 3 моддаи 132, қисми 2 моддаи 137, моддаҳои 138, 139, бандҳои "г", "д", "е", "ё" қисми 2 ва қисми 3 моддаи 167, моддаҳои 179, 1791, 1792, 1793, 181, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 184, қисмҳои 4 ва 5 моддаи 1841, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 1842, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 1843, моддаҳои 1844, 185, 186, 187, 188, 189, қисмҳои 2, 3 ва 4 моддаи 193, қисмҳои 2 ва 3 моддаи 195, қисмҳои 2 ва 3 моддаи 196, моддаи 199, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 200, қисми 4 моддаи 201, қисмҳои 2 ва 3 моддаи 202, қисми 3 моддаи 2021, қисми 3 моддаи 2022, қисми 3 моддаи 203, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 204, қисми 2 моддаи 205, қисмҳои 2 ва 3 моддаи 206, қисми 3 моддаи 237, қисми 4 моддаи 244 (ба истиснои ҳолатҳое, ки зарари расонидашуда аз панҷ ҳазор сомонӣ зиёд набошад), қисмҳои 2, 3 ва 4 моддаи 248, моддаҳои 249, 250, қисмҳои 2 ва 3 моддаи 252, қисмҳои 2, 3 ва 4 моддаи 289, моддаҳои 305-310, 313, қисми 2 моддаи 328, 329, 331, 332, қисми 2 моддаи 335, қисми 2 моддаи 3351, моддаи 347 (агар хабар надодан дар бораи ҷиноят ё пинҳон доштани он ба ҷиноятҳои хусусияти террористидошта вобаста бошад), қисмҳои 2 ва 3 моддаи 356, моддаи 365, қисми 2 моддаи 368, қисмҳои 2 ва 3 моддаи 369, қисмҳои 2 ва 3 моддаи 370, қисмҳои 3 ва 4 моддаи 375, моддаҳои 382, 383, 384, 385, қисми 4 моддаи 386, қисми 4 моддаи 391, моддаҳои 393, 395-405 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1998).

3) Нисбати шахсоне, ки ба ҷазои якумра аз озодӣ маҳрум сохтан маҳкум шудаанд.

4) Нисбати шахсоне, ки нисбати онҳо ҷазои қатл ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ иваз карда шудааст.

5) Нисбати шахсоне, ки барои содир кардани ҷинояти қасдона дар маҳалли адои ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанд.

6) Нисбати маҳкумшудагоне, ки мувофиқи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ретсидивисти хавфнок ва махсусан хавфнок эътироф шудаанд ва ё ҷиноятро дар ҳолати ретсидиви хавфнок ва махсусан хавфнок содир кардаанд.

7) Нисбати шахсоне, ки пештар тариқи бахшиши ҷазо ё бо татбиқи қонунҳо дар бораи авф аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ё аз ҷазо барои содир кардани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин озод карда шудаанд ва боз қасдан ҷинояти вазнин ё махсусан вазнин содир намудаанд, агар мӯҳлати ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва ё ҷазое, ки аз рӯи он тариқи бахшиши ҷазо ё бо татбиқи қонунҳо дар бораи авф нагузашта бошад.

8) Шахсоне, ки нисбати онҳо ду маротиба ва зиёда аз он мӯҳлати адонагардидаи ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ бинобар татбиқи қонунҳо дар бораи авф кам карда шудааст. Амали ин банд нисбати занон низ паҳн мегардад.

2. Муқаррароти моддаҳои 2 ва 6 Қонуни мазкур нисбати занон ва ноболиғоне, ки қасдан ҷиноятҳои пешбининамудаи моддаҳои 104 (ба истиснои сӯиқасд ба одамкушӣ), 1301, бандҳои "г", "д", "е", "ё" қисми 2 ва қисми 3 моддаи 167, моддаҳои 179, 1791, 1792, 1793, 305, 306, қисмҳои 2 ва 3 моддаи 307, қисми 1 моддаи 3072, қисми 1 моддаи 3073 ва моддаҳои 308-310 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1998)-ро содир намудаанд, татбиқ карда намешаванд.

3. Муқаррароти моддаҳои 1, 2, 4, банди 6) моддаи 5 ва моддаи 6 Қонуни мазкур нисбати маҳкумшудагоне, ки ҷиноятҳои пешбининамудаи моддаҳои 245, 246, 247, 253 ва 257 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1998)- ро содир карда, ҷазоро дар муассисаҳои иҷрои ҷазо адо мекунанд, ба шарте татбиқ карда мешаванд, ки агар онҳо зарари моддии расонидашударо пурра талофӣ намоянд.

**Моддаи 10**

1. Амали Қонуни мазкур нисбати шахсоне, ки то мавриди амал қарор додани он ҷиноят содир кардаанд ё аз ҷониби мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шудаанд ё парвандаи ҷиноятӣ нисбати онҳо дар суд мавриди баррасӣ қарор дорад ё баррасӣ нагардидааст ва ё аз ҷониби судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳкум шудаанд, инчунин нисбати шахсоне, ки аз ҷониби судҳои давлатҳои хориҷӣ маҳкум шуда, барои минбаъд адо намудани ҷазо ба Тоҷикистон оварда шудаанд, паҳн мегардад.

2. Татбиқи Қонуни мазкур доғи судии шахсро намебардорад.

**Моддаи 11**

Иҷрои Қонуни мазкур ба зиммаи мақомот ва муассисаҳои зерин гузошта шавад:

1) Мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ - нисбати шахсоне, ки мавод ё парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати онҳо таҳти баррасии ин мақомот қарор доранд.

2) Судҳо:

- нисбати шахсоне, ки мавод ё парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати онҳо дар суд таҳти баррасӣ қарор дошта, то мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур баррасӣ нашудаанд, инчунин шахсоне, ки парвандаҳои ҷиноятӣ нисбати онҳо баррасӣ гардида, вале ҳукм нисбати онҳо қувваи қонунӣ пайдо накардааст;

- нисбати маҳкумшудагоне, ки иҷрои ҳукм нисбати онҳо мавқуф гузошта шудааст ва маҳкумшудагоне, ки нисбати онҳо бо ҳукми суд ҷазо шартан татбиқ карда нашудааст (бо пешниҳоди нозироти корҳои ислоҳие, ки рафтори маҳкумшударо назорат менамояд, аз ҷониби суди маҳалли иҷрои ҳукм ё зисти маҳкумшуда);

- нисбати маҳкумшудагоне, ки аз маҳалли маҳрум сохтан аз озодӣ шартан пеш аз мӯҳлат аз ҷазо озод шудаанд ё қисми адонагардидаи ҷазои нисбати онҳо таъиншуда то мавриди амал қарор дода шудани Қонуни мазкур ба ҷазои сабуктар иваз карда шудааст (бо пешниҳоди нозироти корҳои ислоҳӣ аз ҷониби суди маҳалли иҷрои ҳукм ё зисти маҳкумшуда);

- нисбати маҳкумшудагоне, ки ба ҷазои ҷарима маҳкум шудаанд (бо пешниҳоди иҷрочии суд аз ҷониби суде, ки ҳукм баровардааст).

3) Муассисаҳои тобеи Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон:

- нисбати шахсоне, ки ба ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ маҳкум шудаанду дар ҳабс нестанд ва ҳукм нисбати онҳо қувваи қонунӣ пайдо кардааст;

- нисбати шахсоне, ки ҷазоро дар намуди корҳои ҳатмӣ, корҳои ислоҳӣ дар ҷои корашон ё дар ҷойҳои дигаре, ки мақомоти иҷрокунандаи ҳукм муайян менамоянд, адо мекунанд, инчунин шахсоне, ки ба маҳрум кардан аз ҳуқуқи ишғоли мансабҳои муайян ё машғул шудан бо фаъолияти муайян маҳкум карда шудаанд;

- нисбати маҳкумшудагоне, ки дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ қарор дошта, ҳукм нисбати онҳо қувваи қонунӣ пайдо кардааст;

- нисбати маҳкумшудагоне, ки ҷазоро дар колонияҳои ислоҳии сукунат адо мекунанд.

4) Фармондеҳони қисмҳои ҳарбии интизомӣ - нисбати хизматчиёни ҳарбие, ки ба нигоҳ доштан дар қисми ҳарбии интизомӣ маҳкум шудаанд.

**Моддаи 12**

Озод намудани маҳкумшудагон аз ҷазоҳои иловагӣ, ки то рӯзи мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур иҷро нашудаанд, ба зиммаи он мақомот ва муассисаҳое гузошта мешавад, ки масъалаи аз ҷазои асосӣ озод намудани чунин маҳкумшудагон ба ваколати онҳо вогузор шудааст.

**Моддаи 13**

Қарор дар бораи татбиқ кардан ё рад кардани татбиқи Қонуни мазкур нисбати ҳар як шахс алоҳида қабул карда мешавад. Дар сурати мавҷуд набудани маълумоти зарурӣ, муҳокимаи масъалаи татбиқи авф тибқи Қонуни мазкур то дастрас гардидани ҳуҷҷатҳои иловагӣ, вале ба мӯҳлати на дертар аз як моҳ мавқуф гузошта мешавад.

**Моддаи 14**

Мақомоти таҳқиқ ва тафтиши пешакӣ, фармондеҳони қисмҳои ҳарбии интизомӣ, муассисаҳои тобеи Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни мазкурро бо иҷозати прокурори дахлдор татбиқ менамоянд. Қонуни мазкур аз ҷониби судҳо бо иштироки ҳатмии прокурор татбиқ карда мешавад.

**Моддаи 15**

1. Ҳангоми татбиқи Қонуни мазкур ҳолатҳои зерин бояд ба назар гирифта шаванд:

1) Бандҳои 1) ва 2) моддаи 2 Қонуни мазкур нисбати занон ва ноболиғон ба шарте татбиқ мегарданд, ки то рӯзи мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур ҷиноят содир кардаанд ва ҷинояти содиркардаашон ҷиноятҳои пешбининамудаи моддаҳои 104 (ба истисноИ сӯиқасд ба одамкушӣ), 1301, бандҳои "г", "д", "е", "ё" қисми 2 ва қисми 3 моддаи 167, моддаҳои 179, 1791, 1792, 1793, 305, 306, қисмҳои 2 ва 3 моддаи 307, қисми 1 моддаи 3072, қисми 1 моддаи 3073 ва моддаҳои 308 - 310 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (таҳрири соли 1998) набошад.

2) Амали банди 2) моддаи 2 Қонуни мазкур нисбати шахсоне татбиқ мегардад, ки то рӯзи содир кардани ҷиноят ба синни 18 нарасидаанд.

3) Амали банди 3) моддаи 2 Қонуни мазкур нисбати мардоне татбиқ мегардад, ки то рӯзи мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур ба синни 55 расидаанд.

4) Банди 4) моддаи 2 Қонуни мазкур нисбати шахсоне татбиқ карда мешавад, ки мувофиқи тартиби муқарраршуда то мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур маъюбони гурӯҳҳои I, II ва ё III дониста шудаанд, инчунин нисбати шахсоне, ки гирифтори бемориҳои омоси бадсифати марҳалаи 4 ва гурӯҳи клиникии 4 аз рӯи таснифи байналмилалӣ, омоси бадсифати бофтаҳои лимфоидӣ ва хунофар, сили узвҳои нафас ва пошхӯрдаи шадиди шуш, бемории ишемиявии дил-стенокардияи фаъолияти ҷисмонии гурӯҳҳои III ва IV буда, то рӯзи мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур бо тартиби муқарраршуда дар муассисаҳои тиббӣ ба қайд гирифта шудаанд.

5) Таҳти амали банди 5) моддаи 2 Қонуни мазкур иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда, иштирокчиёни амалиёти ҷангӣ дар ҳудуди давлатҳои дигар ва иштирокчиёни муқовиматҳои сиёсӣ ва ҳарбӣ дар Тоҷикистон, инчунин шахсоне, ки бар асари фалокати Нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил зарар дидаанд, қарор мегиранд.

2. Иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда, инчунин иштирокчиёни амалиёти ҷангӣ дар ҳудуди дигар давлатҳо шахсоне эътироф карда мешаванд, ки дар комиссариатҳои ҳарбии шаҳру ноҳияҳои маҳалли зисташон ба қайд гирифта шудаанд.

3. Иштирокчиёни муқовиматҳои сиёсӣ ва ҳарбӣ дар Тоҷикистон шахсоне шуморида мешаванд, ки дар дафтари махсуси бақайдгирии комиҷроияҳои Шӯроҳои депутатҳои халқии шаҳру ноҳияҳо (ҳоло - мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ) мувофиқи қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 июни соли 1993, №312 номнавис шудаанд, инчунин кормандони сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ва низомие, ки дар ин муқовиматҳо иштирок кардаанд ва собиқ аъзои нерӯҳои Иттиҳоди оппозитсиони тоҷик, ки дар рӯйхати бо қарори Комиссияи Оштии Миллӣ аз 3 марти соли 1999, №15 тасдиқгардида номнавис шудаанд.

4. Шахсони бар асари фалокати Нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил зарардида шахсоне эътироф карда мешаванд, ки мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандоне, ки бар асари фалокати Нерӯгоҳи барқи атомии Чернобил зарар дидаанд" ба ин гурӯҳ дохил карда шудаанд.

5. Амали банди 6) моддаи 8 Қонуни мазкур нисбати маҳкумшудагоне, ки то адои пурраи ҷазо барои ҷинояти дигари пештар содиркардаашон маҳкум карда шуда, суд ҷазоеро, ки аз рӯи ҳукми пештара то охир адо нашудааст, пурра ё қисман ба ҷазои дар асоси ҳукми нав таъиншуда зам кардааст, татбиқ намегардад.

**Моддаи 16**

1. Қонуни мазкур нисбати шахсоне татбиқ карда намешавад, ки барои содир намудани маҷмӯи ҷиноятҳо айбдор дониста шудаанд ва ё маҳкум шудаанд, агар яке аз ин ҷиноятҳо дар бандҳои 1) ва 2) қисми 1 моддаи 9 Қонуни мазкур пешбинӣ шуда бошад.

2. Мӯҳлати адои ҷазои шахсоне, ки таҳти амали қисми 1 ҳамин модда қарор мегиранд, бо тартиби пешбининамудаи моддаи 7 Қонуни мазкур бо дарназардошти талаботҳои пешбининамудаи моддаи 8 Қонуни мазкур кам карда мешавад.

**Моддаи 17**

1. Мутобиқи моддаи 7 Қонуни мазкур қисми мӯҳлати ҷазои адонагардида, ки то рӯзи мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур боқӣ мондааст, кам карда мешавад.

2. Нисбати шахсоне, ки пештар мӯҳлати ҷазояшон бо тариқи бахшиши ҷазо ё авф кам карда шуда буд, муқаррароти Қонуни мазкур бо дарназардошти мӯҳлати ҷазои боқимонда татбиқ карда мешаванд.

3. Амали қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда нисбати маҳкумшудагоне, ки ду маротиба ва зиёда аз он мӯҳлати ҷазои маҳрум сохтан аз озодии онҳо бо татбиқи қонунҳо дар бораи авф кам карда шудааст, татбиқ карда намешавад.

**Моддаи 18**

Шахсоне, ки нисбати онҳо Қонуни мазкур татбиқ карда мешавад, аз барқарор намудани товони зарари моддии бо кирдори ҷиноятӣ расонидаашон озод карда намешаванд.

**Моддаи 19**

Шахсони мувофиқи Қонуни мазкур авфшаванда ҳам аз ҷазои асосӣ ва ҳам аз ҷазои иловагӣ озод карда мешаванд. Маҳкумшудагоне, ки мӯҳлати адои ҷазояшон мутобиқи моддаи 7 Қонуни мазкур кам карда мешавад, аз адои ҷазоҳои иловагӣ озод карда намешаванд.

**Моддаи 20**

Қонуни мазкур нисбати шахсоне, ки ҷиноятҳои давомдор ё дарозмуддат содир кардаанд, танҳо дар мавриде татбиқ карда мешавад, ки агар ин ҷиноятҳо то рӯзи мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур анҷом ёфта бошанд (ба истисноИ шахсоне, ки дар банди 7) моддаи 2 Қонуни мазкур пешбинӣ шудаанд).

Моддаи 21

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот вазифадоранд:

1) Барои расонидани кӯмаки иҷтимоӣ бақайдгирии саривақтии шахсонеро, ки аз адои ҷазо тибқи Қонуни мазкур озод шудаанд, таъмин намоянд ва рафтори онҳоро таҳти назорат гиранд.

2) Назорати ноболиғони мутобиқи Қонуни мазкур озодшударо ба падару модарон ё шахсони ивазкунандаи онҳо вогузор намуда, дар мавриди зарурӣ барои дар мактаб-интернатҳо ҷойгир кардани ноболиғони бесаробон чораҳо андешанд.

3) Ҷойгир кардани шахсони озодгардидаи беморро дар муассисаҳои тиббӣ ва маъюбону пиронсолони яккаю танҳоро дар интернат ва хонаҳои пиронсолон ташкил намоянд.

Моддаи 22

1. Иҷрои Қонуни мазкур дар давоми шаш моҳ таъмин карда шавад.

2. Агар масъалаи татбиқи Қонуни мазкур пас аз мӯҳлатҳои шашмоҳаи пешбининамудаи қисми 1 ҳамин модда ба миён ояд, татбиқи он бо тартиби умумӣ аз тарафи мақомоти дар моддаи 11 Қонуни мазкур пешбинишуда амалӣ карда мешавад.

Моддаи 23

Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо баъди шаш моҳи мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур дар хусуси иҷрои он ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намоянд.

Моддаи 24

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии**
**Тоҷикистон** **Эмомалӣ РАҲМОН**
*ш. Душанбе, 29 октябри соли 2014,*
*№1130*

**ҚАРОРИ**
**МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ**
**МАҶЛИСИ ОЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ОИД БА ҚАБУЛ КАРДАНИ ҚОНУНИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**"ДАР БОРАИ АВФ"**

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи авф" қабул карда шавад.

**Раиси**
**Маҷлиси намояндагони**
**Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии**
**Тоҷикистон** **Ш. ЗУҲУРОВ**
*ш. Душанбе, 29 октябри соли 2014*
*№1622*

## ЗАЛОГ РАЗВИТИЯ ОБЩЕСТВА И ЛИЧНОСТИ - В СОБЛЮДЕНИИ КОНСТИТУЦИИ



**Неъматуллоев УМЕД**
**ассистент кафедры судебного права**
**и прокурорского надзора**

В условиях, когда руководством страны реализовывается Стратегия национального развития, связанная, в том числе, и с совершенствованием законодательства, следует акцентировать внимание на ценности нормативного содержания Основного Закона государства. Он является фундаментом законодательства; его соблюдение - обязательно для всех субъектов правоотношений.

В этом контексте, на наш взгляд, есть все основания сравнить ценность отдельных отраслей и институтов права, которые присущие им специфические функции и задачи в регулировании общественных отношений, а общественное значение отдельных нормативно-правовых актов. Но, исходя из особого правового положения Основного Закона - конституционные нормы являются базой всех отраслей национальной правовой системы и определяют направленность всего законодательства - Конституция Республики Таджикистан как нормативно-правовой акт имеет особое социальное значение.

Необходимость проведения образовательной и разъяснительной работы о Конституции обусловлено даже не самим фактом ее существования в национальном и международном правовом пространстве, а необходимостью формирования и развития конституционной культуры населения. Руководство принципами Основного Закона в повседневной деятельности рядовыми гражданами, работниками государственных учреждений, предпринимателями свидетельствует о развитии Таджикистана как правового государства.

В социокультурном контексте Конституция является воплощением прошлого, настоящего и будущего, а поэтому ее несоблюдение - это вызов, неуважение к стремлению народа обрести великое будущее, к историческому наследию, вкладу предшественников, обеспечивших независимость, благополучие и стабильность государства в настоящем времени.

Кроме присущих Конституции первичных общественно консолидирующих качеств, в ней заложены определенные механизмы, направленные на формирование благоприятной среды для развития личности и общества в государстве. Устанавливая роль в жизни общества наиболее важных государственных и социальных институтов, Основной Закон реализовывает свой потенциал как инструмента общественных преобразований, обладающего мощной социальной энергией.

В Конституции воплощены основные ценности права как единственно возможного регулятора отношений в цивилизованном обществе - обеспечивающего рациональный порядок экономического, организационного, политического взаимодействия, основанного на нормативном и индивидуальном опосредствовании поведения субъектов права. Иными словами, ценность права, как и ценность Конституции, определена возможностью предложить обществу общеобязательную, постоянную, строго предопределенную, гарантированную государством модель поведения, одобренную властью и учитывающую интересы всех участников отношений.

Реализация общих ценностей права в таджикской Конституции - это, с одной стороны, соблюдение идеалов справедливости и гуманизма, а с другой стороны - противостояние и предупреждение проявлениям беззакония и произвола. Благодаря этим качествам Основной Закон формирует границы пространства для упорядочивания социальной активности, правовой и личной свободы индивидуума. Высшая юридическая сила Конституции обязывает законодателя распространять указанные модели в каждом новом законе, а также совершенствовать их реализацию в действующих нормативно-правовых актах.

В Основном Законе Республики Таджикистан нашли свое воплощение главные международные документы в сфере защиты прав человека и гражданина. Поэтому с функциональной точки зрения есть все основания утверждать, что Конституция имеет большое социальное значение как нормативно-правовой акт, в котором реализованы важнейшие правовые ценности: защиты прав и свобод человека, равенства перед Законом, неприкосновенности личности, верховенства права и многие другие.

Отдельно следует остановиться на значении Конституции как фундамента развития правовой среды Таджикистана. В Законе воплощено большое количество норм в обобщенном виде: как целей, принципов, дефиниций, заданий. Подобная формулировка - не свойственна остальным законодательным актам, но вместе с тем, не лишает Основной Закон качества нормативности, а наоборот - устанавливает критерии полноты соблюдение социальных ценностей в законотворческом процессе. Конституционные нормы обобщают, концентрируют и оценивают наиболее значимые явления правовой, и социальной действительности, активные процессы развития духовной и материальной составляющих жизни общества. И сформулировав их в приемлемой юридической форме, Конституция вводит их в оборот государственных нормативов.

Принятие Конституции независимого Таджикистана стало началом нового этапа конституционного процесса, развития гражданского общества и Республики как правового государства, главной чертой которого является переход от советской "показательной конституции" к демократической и современной "действенной конституции". Иными словами, настоящее превращение Основного Закона из формального юридического документа на нормативно-правовой акт высшей юридической силы, позволяет Конституции реализоваться в качестве регулятора наиболее важных аспектов правового взаимодействия.

Социальное значение Конституции также проявляется в том, что она стала воплощением и одновременно результатом согласования интересов государства, политических сил и общества, в этой связи ее ключевая роль состоит в охране политических, экономических, социальных, имущественных прав личности. Поэтому ключом к пониманию Конституции, а также реализации ее потенциала в контексте национального развития, является путь осознания ее социальной значимости для государства, общества и личности каждым из нас.

# САРҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН - ҲУҶҶАТИ САРНАВИШТСОЗ



Ализода Шодмони Шамс
Раиси суди ноҳияи Ёвон

Яке аз дастовардҳои бузурги даврони Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули Сарқонун мебошад. "Воқеан ҳадафи сиёсиси мо барпо кардани давлати демократию ҳуқуқбунёд аст. Дар ин ҷода, Сарқонуни ҶТ ҳамчун санади воломақоми миллат ва шоҳсутуни устувори сулҳу ваҳдат, раҳнамои ҳамешагии мо хоҳад буд", - гуфтааст Президенти кишварамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Тоҷикистон, қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳон буда, худро дар назди насли гузашта, ҳозира ва ояндa масъул ва вазифадор донистa, таъмини соҳибихтиёрии давлати худ ва рушду камоли онро дарк намуда, озодӣ ва ҳуқуқи шахсро муқаддас шумурда, баробарҳуқуқӣ ва дӯстии тамоми миллату халқиятҳоро эътироф карда, бунёди ҷомеаи адолатпарварро вазифаи худ қарор додааст. Таҷлили 20-умин солгарди Сарқонуни Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки шоҳсутуни давлати Тоҷикистон ва давлатдории миллии тоҷикон маҳсуб меёбад, барои ҳар тоҷик рӯйдоди воқеан ҳам таърихӣ ва тақдирсоз мебошад. 6 ноябри соли 1994 бо азму иродаи мардуми тоҷик ва диди тозаи онҳо ба тамаддуни муосир Конститутсияи давлати мустақилу озод ва адолатпарвари Тоҷикистон қабул гардида, миллату давлати Тоҷикистонро бо номи давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона расман ба ҷаҳониён муаррифӣ кард. Мардуми тоҷик бо майлу иродаи худ бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ 20 сол муқаддам аввалин маротиба имконияти таърихӣ ва ҳуқуқии қабули бевоситаи санади волои миллии худро амалӣ сохта, бо шарофати он пойдевори давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявии тоҷиконро таҳким бахшид. Сарқонун асосан шиносномаи давлату миллат ҳисобида мешавад, зеро дар он номи давлат, сохти давлатдорӣ ва сохтори он нишон дода мешавад. Дар он асоси низоми ҳуқуқии давлат муайян мегардад. Он қонуни асосии давлат ҳисобида шуда, сарчашмаи ҳамаи қонунҳо маҳсуб меёбад. Бо шарофати қабули Сарқонун Тоҷикистон чун субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналмиллалӣ шинохта шуд ва халқи тоҷик чун мардуми бунёдкор, сулҳпарвар ва фарҳангӣ муаррифӣ гардид. Ин санади муқаддас ва тақдирсоз чун чароғи фурӯзон роҳи рушди давлати соҳибистиқлоли тоҷикон ва мардуми онро барои садсолаҳо мунаввар мекунад. Сарқонун соҳибихтиёрии халқи тоҷикро аз лиҳози ҳуқуқӣ ба расмият даровард. Ҳуқуқбунёдӣ ва демократия бошад, ҷавҳар ва мақсади ниҳоии чунин давлат аст. Давлати ҳуқуқбунёд маънояш ба ҳуқуқ ниёзманду вобаста будани онро мефаҳмонад. Давлат танҳо дар доираи меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки Конститутсия ва қонунҳои ба он мутобиқ муқаррар кардаанд, бояд амал намояд. Умуман чунин давлате вуҷуд надорад, ки он ба қонуну тартибот ва қоидаҳои ҳуқуқи эҳтиёҷ надошта бошад. Аз ин рӯ, ҳуқуқ, қонун ва пеш аз ҳама Қонуни асосии мамлакат, ки манбаи ҳуқуқ ва ҳуқуқэҷодкунӣ ба шумор меравад, бояд бечунучаро волоият дошта бошад ва ин волоят риоя, таъмин ва ҳифз карданро тақозо дорад. Таҳкими истиқлоияти давлатӣ, сулҳу субот, ваҳдату якдигарфаҳмӣ, оромии осудагии мардум ва мамлакат ба таъмини волояти конститутсионӣ ва қонунҳо вобастагӣ дошта, кафолати бечунучарои инкишофу тараққиёти давлатӣ ва устувории миллӣ шуда метавонад. Оддӣ карда гӯем дар кучое қонуну қоида, ҳуқуқ ва тартибот риояву таъмин мегардад, он ҷо инсон қадр дорад, назму низом, адлу инсоф таъмин аст, ҳақ ба ҳақдор расидааст. Аввалин бор дар Сарқонуни Тоҷикистон таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ эълон гардид, ки ҳар кадоми он мустақил, новобаста аз якдигар фаъолият менамоянд. Вазифаи риоя ва иҷро намудани конуститутсия ва қонунҳо ба зиммаи давлат тамоми мақомоти он,




---

*АЗ РЕДАКСИЯ: Мақолаи мазкур яке аз намудҳои шахсони ҳуқуқӣ - ломбардро, ки Кодекси граждании ҶТ бо чунин ном, ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ишора накардааст, мавриди баррасӣ қарор додааст. Ҳарчанд мақолаи мазкур дар шакли муҷаз пешниҳод шуда бошад ҳам, муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки таърихи пайдош, зарурияти ташкили он дар Тоҷикистон ва мушкилиҳои қонунгузорӣ дар ин соҳаро ба хонанда то андозае иброз намояд. Бори аввал аст, ки ин шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ дар ҶТ бо назардошти қонунгузорӣ мухтасар таҳлил шудааст.*

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ

**Таърихи пайдоиши ташкилотҳои ломбардӣ**

Ломбард (Lombard) аз номи вилоят дар Италия - Ломбардия гирифта шудааст, маънояш ташкилоти махсусгардонидашудаи қарздиҳӣ мебошад.

Ломбард ин муассисаи кредитӣ мебошад, ки бо додани қарз дар шакли пул бо мондани гарави амволи манқул вобаста аст. Дар асрҳои миёна дастрасии маҳдуд ба гирифтани қарз шахсони камбизоатро дар як ҳолати ноадолатона дар вобастагӣ ба судхӯрон қарор дода буд. Новобаста аз оне, ки аз ҷониби Ҳукумати ҳамонвақта бо мақсади аз байн бурдани ноадолатиҳои қарздиҳӣ ва пайдоиҳои манфӣ байни шахсони камбизоат ва судхӯрон чандин воситаҳои таъсиррасонӣ пеш гирифта шуда буд, аммо онҳо камтаъсир буданд. Ҳатто дастгирии ходимони дин барои аз байн бурдани судхӯрӣ ва дигар падидаҳои манфӣ дар ин бахш бетаъсир буданд. Масъалаи ба даст овардани маблағ ва қарздиҳӣ мушкилоти рӯзмарраи онвақта буд. Дар натиҷа барои танзими муомилоти пуливу қарзӣ байни судхӯрон ва аҳолии камбизоат давлат зарур шуморид, ки қарздиҳӣ бо фоиз дар қонун танзим шуда, аз ҷониби ташкилотҳои (ба монанди ломбардҳо) алоҳида ин фаъолият ба амал баровард шавад.

Дар дар асри 11 шахсоне, ки ба фаъолияти ломбардӣ машғул буданд, аз ҷониби давлат бисёр имтиёзҳо дода мешуд. Аз ҷумла барои рушди муносибатҳои қарздиҳӣ бори аввал дар Франсия муассисаи кредитӣ дар шакли ломбард таъсис дода шуд.

Дар асри 15 консепсияе пайдо шуд, ки ташкил ва кушодани муассисаҳои кредитии инсондӯстона барои қарздиҳӣ ба шахсони камбизоат бе фоиз ва ё бо фоизи паст, вале бо гарави амвол дода шавад. Баъд аз гузаштани чанд муддат дар шаҳрҳои Италия муассисаҳои ломбардӣ ба фаъолият оғоз намуданд. Аз ташкили ломбардҳо гурӯҳи судхӯрон норозигӣ баён намуданд, вале пас аз фаҳмондадиҳии зиёд аз ҷониби ходимони дин чунин норозигиҳо аз байн рафт. Мусбат будани чунин фаъолияти ломбардҳо бо он шарҳ дода мешуд, ки ташкилотҳои ломбардӣ бо фоизи паст қарз медоданд ва мақсади асосӣ на гирифтани фоидаи зиёд, балки дастгирии шахсони эҳтиёҷманд, вусъат додани фаъолияти муассисаҳои кредитӣ ва қонеъ гардонидани сарфҳои маъмурӣ мебошад.

Дар Германия аввалин ташкилоти ломбардӣ дар шаҳри Нюрнберг соли 1498 таъсис дода шудааст. Дар Франсия аввалҳои асри 17 Hugues Delestre як лоиҳаи наве бо номи "mont-de-piete", бо шахсони ғайратманд як роҳи нав барои гирифтани фоида аз ин фаъолиятро пешниҳод намуд. Дар соли 1626 дар шаҳр муассисаи "mont-de-piete", ухдадор шуд, ки қарзҳоро бо 6 фоиз пешниҳод намояд. Дар соли оянда фаъолияти ин муассиса бо Фармон қатъ карда шуд. Дар як муддати кӯтоҳ чунин шакли карздиҳӣ, яъне тавассути ломбардҳо дар тамоми минтақаҳо паҳн гашта, онҳо фаъолияти худро дар асоси қонунгузории миллӣ ва байналхалқӣ ба роҳ мондаанд. Аз иброз намудани ҷанбаҳои таърихӣ то андозае




мақсад ва моҳияти ин ташкилот ошкор гардид.

Зарурияти пайдоиш ва танзими ҳуқуқии ташкилотҳои ломбардӣ дар ҶТ. Дар амал татбиқ намудани сиёсати пулию қарзӣ ва асъории кишвар, инкишоф додани шаклҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ, ба вуҷуд овардани низоми нави қарздиҳӣ, муайян кардани мавқеи ҳуқуқии чунин ташкилотҳо ва амалӣ кардани фаъолияти онҳо дар кишвар аз аҳамият холӣ нест. Воқеан ҳам яке аз ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ ин ташкилоти ломбардӣ мебошад, ки дар кишвар солҳои охир дар робита бо ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ ба он таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда мешавад.

Аммо дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ доир ба ин масъала чандон таҳлиле гузаронида нашудааст. Аз ин рӯ, масъалаи танзими ҳуқуқии ташкилотҳои ломбарӣ ва ҳамчун яке аз намудҳои шахсони ҳуқуқӣ дар ҶТ бо қонунгузории миллӣ ва дар амалияи ҷумҳурӣ эътироф кардани он ба миён омадааст.

Ташкилотҳои ломбардӣ ҳамчун

шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои гуногуни онҳо гузошта шудааст. Аммо вақте, ки ин вазифа иҷро нагардида, вайрон карда мешавад, он гоҳ давлат аз воситаҳои маҷбуркунии худ истифода бурда, онҳоро ҳифзу таъмин менамояд ва волоияташонро нигоҳ медорад. Чунин як воситаи муҳими маҷбуркунӣ ба риоя, таъмин ва ҳифзи Конститутсия, қонунҳо, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд, манфиати худи давлат, ташкилоту, муассисаҳо, тартибу қонуният ин баамалбарории адолати судӣ аз ҷониби ҳокимияти судӣ мебошад. Боби 8-уми Сарқонун ба танзими ҳокимияти судӣ бахшида шуда, дар он эълон гардидааст, ки ҳокимияти судӣ мустақил буда, аз номи давлат ва аз тарафи судяҳо амалӣ мегардад. Ҳокимияти судӣ дар ҶТ танҳо ба судҳои босалоҳият ва дар асоси қонун таъсисёфта дар симои судяҳо таалluқ дорад. Хусусияти фарккунандаи ҳокимияти судӣ дар мустақилӣ, истисноӣ, ба қонун итоат намудан ва ягонагии он ифода меёбад. Аз номи давлат амалӣ намудани адолати судиро аз ҷониби мақоми махсуси давлатӣ - судҳо таъмин мекунад. Ягон мақомоти дигар ё шахсони ҳуқуқӣ ба зиммаи худ гирифтани таъмини татбиқи адолати судиро надоранд. Воқеан устувории давлат ба фаъолияти босуботу боадолатонаи судҳои нерумандy беғараз, мустақилу дахлнопазир зарурият ва вобастагии амиқ дорад. Боиси ифтихор аст, ки Сарқонуни кишвар дастгиру роҳнамои мардуми тоҷик гардид. Вазифаи ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ аз он иборат аст, ки Сарқонунро эҳтиром намояд. Сарқонуни ҶТ ба шаҳрвандон ҳамчунин озодиҳои сиёсӣ, аз ҷумла озодии сухан, гуногунандешӣ, дар доираи қонун таъсис додани ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳо ва созмонҳои гуногуни ҷамъиятӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо, ба тавре озод истифода намудан аз воситаҳои ахбори омма ва воситаҳои нави технологияи иттилоотиву коммуникатсионро кафолат медиҳад. Эҳтиром ва риояи меъёрҳои Сарқонун ва талаботи қонун, таъмини волоияти қонуну тартиботи ҳуқуқӣ нишонаи беҳтарини ҷомеаи соҳибфарҳангу масъулиятшинос буда, дар навбати худ шарти муҳимтарини оромиву осоиш ва пешрафти ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат, инчунин зиндагии босаодати ҳар як сокини мамлакат мебошад.

## ТАБРИКОТ

**Садорати факултети ҳуқуқшиносӣ ва ҳайати устодону кормандони факултет устоди кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар ҶТ - Ализода Зарифро барои сарбаландони ҳимоя намудани рисолаи докторӣ ва ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ Абдуллоев Парвизро барои ҳимояи рисолаи номзадӣ дар Федератсияи Русия табрик намуда, ба эшон дар корҳои минбаъда муваффақиятҳои нав ба навро хоҳонанд.**

## Зодрӯз муборак



Санаи 7-уми ноябри соли 2014 файласуфи барҷаста, мушовири раёсати Академияи илмҳои ҶТ ва узви ҳайати мушовараи рӯзномаи "Минбари ҳуқуқшинос" Мусо Диноршоев ба синни муборaки 80 қадам мениҳанд. Раёсати ДМТ ва садорати факултети ҳуқуқшиносӣ устоди фалсафаи тоҷик Мусо Диноршоевро барои расидан ба синни муборaки 80 табрик намуда, орзу доранд, ки устод доимо сиҳатманду саодатманд ва дар болои сари фарзандону шогирдон собон бошанд.

Ба қаламі устод Мусо Диноршоев зиёда аз 300 номгуй асарҳои илмиву оммавӣ мансубанд. Аз ҷумла: "Фалсафаи Насриддини Тусӣ" (бо забони русӣ), "Ибни Сино ва ақидаи фалсафии ӯ" (бо забони русӣ), "Ибни Сино ва мақоми ӯ дар тараққии тамаддуни ҷаҳонӣ" (бо забони русӣ), "Фалсафаи табиийёти Ибни Сино", "Аз таърихи фалсафаи тоҷик" (бо алифбои ниёгон), "Носири Хусрав ва "Зод-ул-мусофирини ӯ" (бо забони русӣ), "Абуҳомид Муҳаммад Ғаззолӣ ва "Таҳофут-ул-фалсафи ӯ" (бо забони русӣ), "Муъҷази фалсафаи Ибни Сино" (бо забони русӣ), "Матолиби фалсафаи Ибни Сино", "Фалсафаи касратгарони Абубакри Розӣ", "Очеркҳои тафрии фалсафа" (дар ҳаммуаллифӣ), китоби дарсии "Фалсафа" иборат аз ду қисм (дар ҳаммуаллифӣ) ва ғайра. Ба қаламі Мусо Диноршоев тарҷумаи русии "Саргузашт", "Ишорот ва танбеҳот"-и Ибни Сино (1980, бо ҳаммуаллифон), "Фалсафа ва калом" ва "Ошноӣ бо улуми исломӣ"-и Муртазо Мутаҳҳарӣ (2004), "Зод-ул-мусофирин"-и Носири Хусрав ва "Таҳофут-ул-фалсафа"-и Абуҳомид Ғаззолӣ низ тааллуқ дорад.

Хидмати Мусо Диноршоев ба ҳайси раиси Шӯрои дифои рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ дар назди Пажӯҳишгоҳи фалсафа ва ҳуқуқ (1991-2011) ва роҳбару мушовири аспирантҳову докторантҳо дар тарбияи кадрҳои фалсафӣ басе назаррас аст. Зери роҳбарӣ ва роҳнамоии бевоситаи ӯ бештар аз 40 нафар рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ дифоъ кардаанд ва ҳоло дар риштаҳои гуногуни илмии фалсафа таҳқиқоти муфид ва арзанда анҷом медиҳанд. Тавассути кӯшишҳои Мусо Диноршоев мактаби фалсафии тоҷик ташаккул ва рушд ёфт, ки аз ҷониби ҷомеаи фалсафии ҷаҳонӣ эътироф шудааст.

Мусо Диноршоев дорандаи ҷоизаи конкурси умумииттифокии корҳои илмии олимони ҷавон дар соҳаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ (1970) мебошад. Хидматҳои устодро ба инобат гирифта ба Мусо Диноршоев ҷоизаи давлатии ба номи Абӯалӣ ибни Сино дар соҳаи илму техника (2011) дода шуд.

# ТАШКИЛОТҲОИ ЛОМБАРДӢ



*Муҳаммадҷон Соҳибов ассистенти кафедраи ҳуқуқи гражданӣ*

шахси ҳуқуқӣ дар ҶТ ду функсияи асосиро иҷро мекунад: 1) Додани қарзи кӯтоҳмуддат бар ивази гарави молу мулки манқули шаҳрвандон; 2) Нигаҳдошти молу мулки манқули шаҳрвандон.

Дар ҶТ чунин ташкилотҳо таърихи қадима надошта, ба давраи истиқлолият рост меоянд. Аввалин муассисаи ломбардӣ дар Тоҷикистон соли 2012 таъсис дода шуд. Ҳоло бошад, зиёда аз 35 муассисаи ломбардӣ фаъолият дорад. Фаъолияти ташкилотҳои ломбардӣ дар ҶТ дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии умумӣ ва махсуси соҳавӣ танзим карда мешавад. Дар айни ҳол дар ҷумҳурӣ фаъолияти ломбардҳо дар асоси муқаррароти Кодекси граждании ҶТ, Қонунҳои ҶТ "Дар бораи фаъолияти бонкӣ", "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон", "Дар бораи гарави амволи манқул", Низомномаи "Дар бораи ломбардҳо", Низомномаи "Дар бораи ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ" ва дар асоси дигар санадҳо ба роҳ монда шудааст.

Ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои ломбардӣ дар ҶТ имрӯз дар қонунҳои зиёде танзим шудааст. Санади ягоне, ки дар шакли мушаххас ин масъаларо танзим мекунад ин Низомномаи "Дар бораи ломбардҳо" (аз соли 2002) мебошад. Лекин ин низомнома бештари меъёрҳояш хусусияти бланкетӣ дорад ва ба қонунҳои зиёди кишвар ҳавола мекунад. Танҳо барои муайян кардани ҳолати ҳуқуқии ташкилотҳои ломбардӣ зарур меояд, ки 20 қонуну санадҳои зеризқонуниро таҳлил кард. Аз ин бармеояд, ки меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи ташкилотҳои ломбардӣ пароканда аст ва муштарӣ ё хонандае, ки мехоҳад дар вақти кӯтоҳ аз қонунгузории ломбардӣ маълумоти лозимӣ пайдо кунад, ба мушкилӣ дучор мешавад. Ҳамчунин татбиқкунии меъёрҳои парокандаи зиёд низ дар амал душвор аст. Чунин нуқтаи назарро кормандони амалияи ломбардии кишвар ҳам пуштибонӣ мекунанд. Аз ин рӯ, дар ин соҳа як санади мукаммали мураттабшуда ба монанди Қонун "Дар бораи ломбард"-ҳо, ки мушахассан меъёрҳои соҳаро танзим кунад, лозим буд, ки ҳамин тавр ҳам шуд. Қонуни ҶТ "Дар бораи гаравхона (ломбард)" аз 22 июли соли 2013 қабул гардид. Яке аз монеаҳои рушди соҳибкории хурду миёна дастрас набудани қарзи кӯтоҳмуддати фаврист. Аз ин рӯ, қабули қонуни мазкур барои рушди соҳибкории хурду миёна шароити мусоид фароҳам хоҳад овард. Тибқи қонуни мазкур гаравхона (ломбард) - шахси ҳуқуқӣ (ташкилоти махсусгардонидашуда), ки ба додани қарзи кӯтоҳмуддат бар ивази гарави молу мулки манқули шаҳрвандон, инчунин нигаҳдошти молу мулки манқули шаҳрвандон машғул аст. Дар таҳияи қонун фаъолияти ломбардҳо дар шаҳрҳои Душанбею Хуҷанд омӯхта шуд. Инчунин, қонунҳои амалкунандаи Русия, Арманистон, таҷрибаи Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Қонуни мазкур аз 4 боб ва 18 модда иборат буда, дар онҳо фаъолияти ломбард, шароиту талаботи асосӣ ба фаъолияти онҳо, махфияти ҳуҷҷатҳои қарздиҳӣ, тартиби гирифтани молу мулк (ашёи) ба гаравмонда ва ё ба амонатсупорида ва аз онҳо ситонидани пули қарз, баҳогузории молу мулки (ашёи) ба гаравмонда ва ё ба амонатсупорида, шарт ва тартиби ҳуҷҷатҳои қарздиҳӣ, ба расмият даровардан ва тартиби фурӯхтани молу мулк зикр шудааст.

Айни ҳол дар қаламрави ҷумҳурӣ фаъолияти гаравхонаҳо (ломбардҳо) дар марҳилаи афзоиш қарор дорад, вале танзими ҳуқуқии фаъолияти ин ташкилотҳо ба пурраги танзим нагардидааст. Аз ин рӯ, бо мақсади мукаммал гардонидани қонунгузорӣ дар бахши гаравхонаҳо пешниҳод менамоем.

1. Вобаста ба номи қонун бояд қайд кард, ки дар моддаҳои 387 ва 994-и Кодекси граждании ҶТ, моддаи 32-и Қонуни ҶТ "Дар бораи гарави амволи манқул" истилоҳи "гаравхона (ломбард)" истифода карда шуда, дар моддаи 17-и Қонуни ҶТ "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият", моддаи 17-и Қонуни ҶТ "Дар бораи таърихи қарз (кредит)" истилоҳи "ломбард" бе тарҷума истифода бурда шудааст.

Навобаста аз оне, ки дар таҷрибаи низоми бонкию молиявии ҷаҳонӣ калимаи "ломбард" ҳамчун калимаи байналмилалӣ истифода бурда мешавад, ба андешаи мо истилоҳи "гаравхона" ломбардро пурра ифода карда метавонад. Баръакс, калимаи "ломбард" наметавонад маънои гаравхонаро диҳад, зеро чи хеле ки қайд кардем, Ломбард номи як вилоят дар Италия мебошад ва ягон алоқамандии забонӣ ба қарзгириву гаравмонӣ надорад! Илова бар ин, ба ҷои ломбард истифода бурдани калимаи гаравхона, ки истилоҳи аслии тоҷикист, ин арҷ гузоштан ба Қонуни ҶТ "Дар бораи забони давлатии ҶТ" мебошад. Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки номи қонун чунин номгузорӣ шавад. Қонуни ҶТ "Дар бораи гаравхона", яъне калимаи "ломбард" аз ном ва тамоми қонун бардошта шавад. Инчунин, пешниҳод менамоем, ки тамоми гаравхонаҳое, ки дар ҶТ фаъолият намуда, дар болои идораи онҳо ломбард навишта шудааст, ё бо номи ломбард ба қайд гирифта шудаанд, бо "гаравхона" тағйири ном намоянд.

2. Айни замон мафҳуми гаравхона дар қонунгузории ҶТ дар ду санади меъёрии ҳуқуқӣ, яъне Қонуни ҶТ "Дар бораи гаравхона (ломбард)" ва Низомномаи "Дар бораи ломбардҳо" пешниҳод гардидааст. Аммо ин мафҳумҳо аз якдигар фарқ намуда, ҳатто ба якдигар мухолифат мекунанд. Аз ин рӯ, зарур аст, мафҳуми гаравхона дар як санад ба тарзи дуруст ва мукаммал пешниҳод карда шавад. Зеро ин истилоҳ дар 20 санади меъёрии ҳуқуқӣ (дар шакли гаравхона ё ломбард) истифода шудааст, бинобар ин хонандаро зарур меояд, ки мафҳум ва мазмуни онро донад.

3. Гаравхонаҳо ё ташкилотҳои ломбардӣ дар кишвар чандон таҷриба надошта дар ҳоли инкишофанд. Барои функсияи таърихии худро иҷро кардани онҳо, яъне бо фоизҳои паст ва ба тарзи содда, кӯтоҳмуддат қарз пешниҳод кардан ба мардум давлатро зарур меояд, ки барои дастгирӣ ва инкишофи ин шакли қарздиҳӣ, ки мантиқан маънои дастгирии фаъолияти соҳибкории хурду миёнаро дорад, дар Қонуни ҶТ "Дар бораи гаравхона (ломбард)" моддаи алоҳида бо номи "Дастгирии давлатии гаравхонаҳо"-ро бо шартҳои имтиёзнок пешниҳод намояд.

# ҲУҚУҚИ ИШТИРОК ДАР ҲАЁТИ СИЁСӢ ВА ИДОРАИ ДАВЛАТӢ ДАР ПАРТАВИ САРҚОНУН

Сарқонуни ҶТ 6 ноябри соли 1994 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ аз ҷониби шаҳрвандони Тоҷикистон қабул шудааст. Конститутсия Қонуни асосӣ буда, эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон набояд хилофи Конститутсия бошанд. Дар мавриди ба меъёрҳои Конститутсия мухолифат доштани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ё қисмҳои таркибии онҳо меъёрҳои Сарқонуни ҶТ татбиқ мегарданд.

Дар Конститутсияи ҶТ падидаҳои муҳими ҳуқуқӣ танзим ва мустаҳкам карда шудаанд, ки яке аз онҳо ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, махсусан диққати ҷиддӣ дода шудааст ва он ифодаи худро дар боби дуюми Конститутсия, ки "Ҳуқуқ, озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд" ном дорад, меёбад. Дар моддаи 5-и Сарқонун омадааст, ки инсон, ҳуқуқ ва озодҳои он арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд.

Яке аз ин ҳуқуқҳои шаҳрванд ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ мебошад. Ин ҳуқуқи конститутсионӣ танҳо ба шаҳрвандони ҶТ тааллуқ дошта, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд аз ин ҳуқуқ истифода бурда наметавонанд. Ҳуқуқи мазкур дар моддаи 27-и Сарқонун мустаҳкам шудааст: "Шаҳрванд ҳақ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд. Шаҳрвандон ба хидмати давлатӣ ҳуқуқи баробар доранд. Шаҳрванд аз синни 18 ҳуқуқи дар раъйпурсӣ иштирок кардан, интихоб намудан, инчунин аз синни муқаррарнамудаи Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо ҳуқуқи интихоб намудан ва интихоб шудан дорад".

Аз мазмуни меъёри Конститутсия ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки шаҳрвандони ҶТ ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатии худро бо роҳҳои зерин амалӣ месозанд: 1) Бо роҳи иштирок дар раъйпурсии умумихалқӣ; 2) Иштирок дар интихобот (интихоб намудану интихоб шудан); 3) Дохил шудан ба хидмати давлатӣ ва ишғол намудани мансабҳои давлатии хидмати давлатӣ; 4) Ташкил намудани ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ.

Шаҳрвандони ҶТ ин ҳуқуқи конститутсионии худро дар шаклҳои гуногун амалӣ месозанд. Ин шаклҳо аз меъёрҳои конститутсионӣ, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳои ҷорӣ ва санадҳои зериқонунӣ бармеоянд. Онҳо ба шаҳрванд ҳуқуқи интихоб кардан ва интихоб шудан ба мансаби Президент, аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва Маҷлиси маҳаллӣ ва дигар мақоми интихобӣ, иштирок дар раъйпурсӣ, дар муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи қонунҳо ва қарорҳои аҳамияти миллӣ ва маҳаллӣ дошта, дар маҷлисҳои коллективҳои меҳнатӣ ва ғайраро таъмин мекунанд.

Иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатиро қонунҳои зиёде кафолат додаанд. Аз он ҷумла: қонунҳои конститутсионии ҶТ "Дар бораи раъйпурсии ҶТ", "Дар бораи интихоботи Президенти ҶТ", "Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии ҶТ", "Дар бораи интихоботи вакилон ба Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ", Қонуни ҶТ "Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот" ва ғайра.

Яке аз шаклҳои дигари иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ ин ҳуқуқи дохил шудани шаҳрвандон ба хидмати давлатӣ мебошад. Табқи қисми 2-и моддаи 27-и Сарқонун шаҳрвандон ба хидмати давлатӣ ҳуқуқи баробар доранд. Ин меъёр ҳуқуқи баробари шаҳрвандро мувофиқи лаёқату тайёрии касбии ӯ бе ҳеҷ маҳдудкунӣ барои ишғол кардани ҳар кадом мансаби давлатӣ ифода мекунад. Асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти хидматӣ давлатӣ дар ҶТ аз ҷониби қонун "Дар бораи хизмати давлатӣ" ба танзим дароварда мешавад.

Сарқонуни ҶТ дар баробари кафолат додани ҳуқуқи шаҳрвандон ба иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ, инчунин асосҳои маҳдудсозии ҳуқуқи мазкурро пешбинӣ кардааст. Масалан, мувофиқи қисми 4-и моддаи 27 шахсоне, ки аз тарафи суд ғайри қобили амал дониста шудаанд ва ё мувофиқи ҳукми суд дар ҷойҳои аз озодӣ маҳрумшудагон нигоҳ дошта мешаванд, ҳуқуқи дар интихобот ва раъйпурсӣ иштирок карданро надоранд. Инчунин, мувофиқи Конститутсия ҳуқуқи мазкур метавонад дар давраи вазъияти фавқулода низ маҳдуд карда шавад.

Сарқонуни ҶТ ҳуқуқи иштирок дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатиро кафолат дода, шаҳрвандонро баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эътироф намудааст. Инчунин, барои амалисозии ин ҳуқуқ ба шаҳрвандон кафолатҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва судиро муқаррар намудааст.

**Наимов Бобоҷон**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ**

# САРҚОНУН - КАФИЛИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚУ ОЗОДИҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД

**Сарқонуни кишвар, Тоҷикистони моро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ҳамчун давлати мустақили дорои низоми мукаммали сиёсиву ҳуқуқӣ муаррифӣ намуд, ки дар он инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ арзиши олӣ буда, барои шароити зиндагии арзанда ба ҳар шахс заминаҳои устувори иҷтимоиву иқтисодӣ гузошта шудаанд.**

*Эмомалӣ Раҳмон.*

Дар баробари соҳибистиқлол гардидани ҶТ зарурати қабули Сарқонуни нави кишвар ба миён омад, чунки ҷомеа ва давлати мо ба марҳилаи нави таърихи инкишофи худ ворид шуд ва дар кишвар давраи дигаргуниҳои куллӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ оғоз гардид.

Қабули Сарқонуни ҶТ роҳи такмили ҳуқуқии арзишҳои умумии демократӣ, самти рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсии ҷадиди Тоҷикистонро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ амалан пайваста, тамомияти арзӣ, дахлнопазирии ҳудуди кишвар, моҳият ва вазифаҳои давлат, рамзҳои давлатӣ, ва шакли давлатдории Тоҷикистон ва аз ҳама муҳим ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро муайян намудааст. Чунки дар ҳазорсолаи нав вазъи ҳуқуқи инсон аз сарҳадҳои миллии давлатҳо берун гардида, ба масъалаи умумибашарӣ табдил ёфтааст.

Сарқонун ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро арзиши олӣ шуморида, аз ҷониби давлат эътироф, риоя ва ҳифз намудани онҳоро, ҳамчун яке аз асосҳои сохтори конститутсионии Тоҷикистон мустаҳкам намудааст. Дар ин замина, боби 2-уми Сарқонуни ҶТ моддаҳои 14 то 47-ро дар бар гирифта, қисми марказӣ, яъне ҷавҳари онро ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд - дахлнопазирии ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон ташкил медиҳад. Аз ҷумла, дар моддаи 14-уми Сарқонун оварда шудааст: "Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои байналмиллалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд бевосита амалӣ мешаванд. Онҳо мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузор, иҷроияи маҳаллӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллиро муайян мекунад ва бо воситаи ҳокимияти судӣ таъмин мегарданд". Моҳияти ин муқаррароти Конститутсия аз он иборат аст, ки давлат барои амалӣ гардондани ҳуқуқу озодиҳои шахс шароит фароҳам меорад ва барои амалӣ гардидани онҳо кӯмаку дастгирии ҳамаҷониба мекунад. Аз ин лиҳоз дар кадом ҳаҷму мазмун амалӣ гардидани ҳуқуқу озодиҳо дар бисёр ҳолатҳо бевосита ба худи шахс, ташаббус, кӯшишу ғайрат ва дараҷаи лаёқати касбии ӯ вобаста аст. Бинобар ин, татбиқи пурраи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамоҳангӣ ва ҳамиштирокии давлат ва шахсро дар ин самт тақозо мекунад.

Бояд қайд намуд, ки амалӣ шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, агар дар Конститутсия, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ ва ифода наёфта бошанд, онҳо самти татбиқи худро гум мекунанд. Аз тарафи дигар, вақте, ки дар Сарқонун ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд инъикос ёфтаанд ва кафолат дода шудаанд, инкишофи худро дар қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ёфта, татбиқи иҷрои онҳо муайян карда мешавад.

Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро бояд ҳамаи шахсони мансабдор ва мақомоти давлатӣ эҳтиром, риоя ва ҳифз намоянд. Ҳуқуқи инсон бояд мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳоро муайян созад. Мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, маҳаллӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, дар фаъолияти худ пеш аз ҳама, бояд ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ба назар гиранд.

Фаъолияти онҳо дар ягон ҳолат набояд ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро халалдор созад ё маҳдуд намояд. Дар сурати бевосита амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд онҳо ба воситаи ҳокимияти судӣ бо роҳи татбиқи чораҳои маҷбуркунӣ таъмин карда мешаванд. Таъмини риоя ва бевосита амалӣ шудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва ҳифз намудани онҳо маънои онро надорад, ки дар ҳеҷ гуна ҳолат маҳдуд карда намешаванд. Дар Конститутсия ва қонунҳо ҳолатҳои истисноие пешбинӣ шудааст, ки дар натиҷаи мавҷуд будани онҳо давлат метавонад, ҳуқуқу озодиҳои шахси алоҳида ё гурӯҳи алоҳидаи шаҳрвандонро маҳдуд намояд: бо мақсади таъмини ҳуқуқу озодиҳои дигар шахсон, ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи сохти конститутсионӣ ва тамомияти арзии ҶТ. Тавре, аз мазмуни моддаи мазкур бармеояд, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд на танҳо бо қонунҳои миллӣ, инчунин бо воситаи санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки ҶТ онҳоро эътироф кардааст, ҳифз карда мешаванд. Ба санадҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон дохил мешаванд: Оинномаи СММ, Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Паймони байналмиллалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Протоколи факултативӣ ба Паймони байналмиллалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ва монанди онҳо ҳуқуқҳои инкорнашавандаи инсон ва шаҳрванд, озодиҳои онҳоро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт эълон намуда, давлатҳои аъзоро уҳдадор менамоянд, ки дар қонунҳои миллӣ онҳоро кафолат диҳанд.

Дар моддаи 17-и Сарқонуни ҶТ омадааст: "Ҳама дар назди қонун ва суд баробаранд. Давлат ба ҳар кас қатъи назар аз миллат, нажод, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсил ва молу мулк, ҳуқуқу озодиҳоро кафолат медиҳад. Мардон ва занон баробарҳуқуқанд". Муқаррароти моддаи мазкур ба моддаҳои 2 ва 14-и Паймони байналмиллалӣ дар бораи ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, ки баробарии ҳамаро дар назди қонун ва суд эълон медорад, мазмунан мувофиқа мекунад. Дар қисми дуюми ин модда баробарҳуқуқии занон ва мардон баён гаштааст, ки дар асоси ин меъёри конститутсионӣ дар ҳама гуна фаъолият мардон ва занон баробарҳуқуқанд. Инчунин, барои таъмини воқеии баробарҳуқуқии занону мардон Фармони Президенти ҶТ аз 3-юми декабри соли 1999 "Дар бораи баланд бардоштани мавқеи зан дар ҷомеа" қабул гардидааст.



**_Зоиров Н.К._**
**_проректори Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияти ҶТ_**

Мувофиқи моддаи 18-и Сарқонун: "Ҳар кас ҳаққи зиндагӣ дорад. Ҳеҷ кас аз ҳаёт марҳум карда намешавад, ба истисноӣ ҳукми суд барои ҷиноятҳои махсусан вазнин. Дахлнопазирии шахсро давлат кафолат медиҳад. Ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад. Мавриди озмоиши маҷбурии тиббӣ ва илмӣ қарор додани инсон манъ аст".

Ҳамин тавр, бояд зикр намуд, ки Сарқонуни мо тамоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро инъикос намуда, онҳоро кафолат медиҳад. Конститутсияи ҶТ қонуни асосии давлат, унсури марказии низоми ҳуқуқии кишвар, заминаи эҷод ва такмили минбаъдаи қонунгузорӣ, ҳуҷҷати созиши иҷтимоӣ, муайянкунандаи дурнамои пешрафти ҷомеа ва адолат мебошад. Сарқонуни ҶТ дар низоми санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ эътибори олии ҳуқуқӣ дорад. Ва аз ҳама муҳим, Сарқонуни мо инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯро арзиши олӣ шумоਰидааст. Аз ин ҷиҳат Сарқонуни ҶТ бо конститутсияҳои имрӯзаи давлатҳои демократӣ ва санадҳои байналмиллалии соҳаи ҳуқуқи инсон мазмунан шабоҳат дорад ва барои инкишофи ҳамаҷонибаи наслҳои имрӯзу фардо ва рушди кишвари азизамон - Тоҷикистон заминаи ҳуқуқӣ фароҳам овардааст.

# ЗАРУРИЯТИ ҚАБУЛИ САРҚОНУН

"Имрӯз вақти он расидааст, ки мо дар роҳи бунёди давлати ҳуқуқбунёду демократӣ ва дунявӣ аз сухан ба амал гузарем. Бинобар ин ман ҳамчун Сардори давлат изҳор мекунам, ки асоси эҷоди ин навъ давлатро Сарқонуни нави ҷумҳурӣ мегузорад". Эмомалӣ Раҳмон

Имсол аз қабули Сарқонуни кишвар 20 сол пур мешавад. Конститутсияи ҶТ дар сароғози худ ботантана халқ ва кишвари бостонии моро ҷузъи таркибӣ ва ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳон эълон намудааст. Баъди садсолаҳо миллати тоҷик имкон пайдо намуд, ки субъекти мустақил, фаъол ва соҳибэҳтироми ҷомеаи ҷаҳонӣ гардад. Сарқонуни амалкунанда маҳсули замони истиқлол аст. Ҳар як давлат вобаста ба шароит ва воқеияти худ сарқонунашро таҳия ва қабул менамояд.

Маъмулан дар зери калимаи "Конститутсия" ба қонуни асосии давлат, сарчашмаи асосии ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ ишора меравад, ки барои ошкор сохтани моҳияти он ба ин ду-се нуқта маҳдуд шудан кофӣ нест. Барои ошкор сохтани мазмуни Конститутсия аз ҷониби ҳар як фарди ҷомеа зарур аст, ки таъинот, мабдаи (предмети) танзимсозӣ, нақш ва ҷои онро на танҳо дар низоми санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, инчунин дар бунёди давлатдории миллӣ, асосҳои конститутсионии ташкил ва фаъолияти ҳокимияти давлатӣ дар ҳама шаклҳои зоҳиршавиаш, сохти ягона (унитарӣ) ва шакли идоракунии Тоҷикистон, хислати соҳибихтиёрӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ доштани кишвар бояд дар мадди аввал гузошта шавад.

Қонунияти мавҷудият ва таъиноти иҷтимоӣ, инчунин зарурияти қабули Конститутсияро метавон чунин маънидод намуд.

Якум, баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ дар соли 1991 ва дар зимни он ба вуҷуд омадани ҷумҳуриҳои соҳибихтиёр, ҶТ низ соҳибихтиёрии худро аз тариқи Эъломияи соҳибихтиёрӣ аз 24 августи соли 1990 ва қарор дар бораи эълон намудани мустақилияти ҶТ аз 9 сентябри соли 1991 эълон намуд. Санадҳои мазкур бунёди аввалин давлати соҳибихтиёри миллии тоҷиконро гузоштанд ва ин дастовардҳои миллиро Конститутсияи соли 1994 мустаҳкам намуд. Соҳибихтиёрӣ ба ҳар як давлат, аз ҷумла ба Тоҷикистон низ хос буда, он ҳокимияти олии ягона ва истиқлолияти онро чӣ дар муносибатҳои дохилӣ ва чӣ дар муносибатҳои хориҷӣ ифода мекунад, ки ин мафҳуми сиёсию ҳуқуқӣ ифодаи худро дар Коститутсияи соли 1994 ёфтааст. Соҳибихтиёрии давлат ҳамчун падидаи сиёсию ҳуқуқӣ дар заминаи соҳибихтиёрии миллат ва халқ ба вуҷуд меояд. Аз ин лиҳоз, дар Сарқонун муқаррар шудааст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тоҷикистон ҳаммаъноянд (қ.3.м.1) ва халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мекунад (қ.1 м.6).

Дуюм, Сарқонун ин сарчашмаи асосии қонунгузорӣ мебошад. Имрӯзҳо дар заминаи он як қатор санадҳои ҳуқуқие қабул карда шудаанд, ки онҳо бевосита аз Сарқонун бармеоянд. Дар фазои конститутсионӣ зиёда аз садҳо қонунҳои соҳавӣ ва махсус, даҳҳо кодексҳо ва барномаю консепсияҳои давлатӣ қабул карда шудаанд, ки муносибатҳои гуногуни ҷамъиятиро танзим месозанд.

Сеюм, Сарқонун дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад. Аз ин нуқта бармеояд, ки чи қадаре, ки қонунҳо ва дигар санадҳои зерқонунӣ қабул карда шуда бошанд, новобаста аз намуд ва мақомоте, ки онҳоро қабул кардааст, Сарқонун дар низоми ҳуқуқӣ дар ҷои аввал меистад, яъне эътибори олии ҳуқуқӣ дорад. Дар моддаи 10-и он муқаррар карда шудааст, ки Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд, қонунҳо ва дигар санадҳое ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсия мебошанд эътибори ҳуқуқӣ надоранд. Давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Коститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд.

Чаҳорум, Сарқонун санади меъёрии ҳуқуқие мебошад, ки характери муассисӣ дорад. Ин нуқтаро чунин тафсир кардан мумкин аст, ки он чун Қонуни асосӣ асосҳои сохтори конститутсионии Тоҷикистон, яъне сохтори сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоии давлату ҷомеа, намуд ва асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва самтҳои фаъолият, салоҳият ва ваколатҳои низоми ҳар яке аз шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, шакл ва усулҳои асосии фаъолияти онҳо, муносибат ва ҳамкории онҳоро дар амалисозии вазифаҳои ҳокимиятӣ ва дигар масъалаҳо муқарар кардааст.

Панҷум, Сарқонун ҳуҷҷати расмӣ, созишӣ ва дорои аҳамияти ҷамъиятӣ, давлатӣ,-таърихидошта мебошад, ки тавассути он миллат ба ташкилоти сиёсию ҳуқуқӣ - давлат муттаҳид мешавад. Аз ин рӯ, Конститутсия ҳуҷҷати сиёсию-ҳуқуқии муттаҳидсозандаи миллат мебошад. Зеро таҳия ва қабули ҳар як конститутсия аз ҷумла, Конститутсияи ҶТ тавозуни қувваҳои солими сиёсии ҷомеаро рӯи кор оварда, дар мазмуни он манфиатҳои сиёсии байни онҳо дарҷ гардида, миллатро ба ташкилоти сиёсию ҳуқуқии ҷомеа муттаҳид месозад. Сарқонун пурра фарогири хислатҳои зикршуда мебошад. Ин омилро натиҷаи ваҳдати миллӣ ва созиши нодири байни тоҷикон метавон эътироф кард.

Аз муҳтавои ин сухан бармеояд, ки зарурати қабули Сарқонуни давлатро тамоюлоти комилан нави инкишофи ҳаёти ҷамъиятиву сиёсии мамлакат низ талаб мекунад. Дар Коститутсияи мо пеш аз ҳама ба асосҳои сохтори конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд, ҳокимияти давлатӣ (қонунгузор, иҷроия, судӣ), мақомот ва рукнҳои идоракунандаи давлатӣ ва дигар ҷанбаҳои умдатарини давлат ва ҷомеа аҳамият дода шудааст.

Ҳамин тавр, бештари меъёрҳои Сарқонун фарогири тамоми самтҳои фаъолияти инсон ва кафолатдиҳандаи амалишавии онҳо аз ҷониби давлат мебошад.



**Шарифов Манучехр донишҷӯи соли 5-ум**

# КОНСТИТУТСИЯ - САНАДИ ТАҚДИРСОЗИ МИЛЛАТ

Дар раванди барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ ҶТ ҳам ба монанди дигар ҷумҳуриҳо барои расидан ба истиқлолияти миллӣ талош намуд. 24-уми августи соли 1990 Шӯрои Олӣ Эъломияи истиқлолияти ҶТ-ро қабул намуд, ки он ҳуҷҷати заминавӣ барои ноил шудан ба истиқлолияти Тоҷикистон ва қабули Конститутсияи навин гардид. Ин бузургтарин муваффақияти халқи тоҷик дар роҳи истиқлолияти комили он буд, ки баъди ҳазор сол, пас аз заволи давлатдории Сомониён, ба даст омад.

Мутаассифона, давлати ҷавони Тоҷикистон бо таъсири қувваҳои беруниву дохилӣ ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд. Мавҷудияти далатдории тоҷикон дар чунин як вазъияти душвори сиёсӣ зери савол монда буд. Хушбахтона, пояҳои давлатдории миллии тоҷикон аз Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Тоҷикистон (даъвати дувоздаҳум) бо роҳбарии фарзанди фарзонаи миллат Эмомалӣ Раҳмон мустаҳкам гардида, роҳ ба сӯи давлатдории навин, сулҳу субот, ваҳдату ягонагӣ, дӯстиву бародарӣ боз шуд, ки зарурияти қабули Конститутсияи нави ҷумҳурӣ ва қонунӣ гардонидани дастовардҳои истиқлолияти миллӣ ба миён омад. Конститутсияи даврони Шӯравӣ ба пуррагӣ наметавонист он муносибатҳои нави ҷамъиятие, ки дар давраи нави таърихӣ ба вуҷуд омада буданд ба танзим дарорад. Инчунин қонунҳои дигари давлат дар асоси Конститутсияи навин бояд омода ва қабул мегардиданд.

Бо ҳамин мақсад 6-уми ноябри соли 1994 дар таърихи ҷумҳурӣ аввалин бор бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ Сарқонуни нави Тоҷикистон қабул гардид, ки истиқлолияти ҶТ-ро аз нигоҳи ҳуқуқӣ ба расмият даровард. Бо ин сабаб 6-уми ноябр дар ҷумҳурӣ ҳамчун ҷашни умумимиллӣ, яъне рӯзи Сарқонуни ҶТ ҷашн гирифта мешавад.

Конститутсия барои ноил шудан ба ваҳдат ва сулҳу ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон нақши босазоеро бозидааст. Воқеан ҳам ноил шудан ба истиқлолият, Сарқонун ва ваҳдати миллӣ миллати тоҷикро бедор намуд, худшиносии миллии мардум боло рафт ва халқи тоҷик баъди ҳазорсоли парокандагӣ муттаҳид гардид.

Сарқонуни Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои онро арзиши олӣ эълон намуда, тамоми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро кафолат додааст, ки ин хоси конститутсияҳои давлатҳои демократӣ мебошад.

Констититутсия дар ташаккулёбии низоми ҳуқуқии миллӣ ва қонунгузории ҷумҳурӣ аҳамияти бағоят зиёд дорад. Маҳз баъди қабули Конститутсия дар ҷумҳурии соҳибистиқлоламон қонунҳои миллӣ пешрафт ва рушд карданд, ки мисоли он Қонунҳои ҶТ "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар ҶТ " ва "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" шуда метавонанд. Агар мо ба матни Сарқонун ва қонунҳои мутазакир назар афканем, дарк хоҳем кард, ки шуури ҳуқуқии миллӣ ва илми ҳуқуқ дар ҷумҳуриамон рушду такомули тозае касб кардааст, ки он барои ояндаи хуб ва пешрафти давлатамон ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд бисёр аҳамияти хосае дорад.

Конститутсия ҷумҳуриамонро давлати ҳуқуқбунёд эълон намудааст. Асоси давлати ҳуқуқбунёдро ҳукмронии ҳуқуқ ва волоияти қонун ташкил медиҳад. Маълум аст, ки пешрафти давлатҳои муосир бе ҳуқуқ ғайриимкон аст. Давлате, ки дар он шаҳрвандонаш дорои маданияту маърифати ҳуқуқӣ ва шуури ҳуқуқӣ нестанд, онро давлати ҳуқуқбунёд ном бурдан мумкин нест. Бо ноил шудан ба истиқлолият ва қабули Сарқонун дар Тоҷикистони азиз, шуури ҳуқуқии аҳолӣ низ тағйир ёфт ва рушд кард. Халқи тоҷик дар қонунофаринию давлатдорӣ ва худшиносию худогоҳии миллӣ таҷрибаи куҳан дорад ва маҳз ҳамин буд, ки Тоҷикистон ба ин қадар пешравиҳо дар зери роҳбарии Эмомалӣ Раҳмон расид.

Такмил ёфтани шуури ҳуқуқии шаҳрвандон ва шарти асосии амалӣ гаштани қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ин тафсири қонунҳо ва дастраси умум қарор доштани онҳо мебошад. Бо мақсади дарку фаҳмиши меъёрҳои Сарқонун, президенти мамлакат Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ 25-уми апрели 2008 иброз намуда буд, ки вақти он расидааст, то аз ҷониби олимони ҳуқуқшиноси кишвар тафсири илмию оммавии Сарқонун ҶТ ба нашр расад. Ин буд, ки тафсири музкур аз ҷониби ҳуқуқшиносони варзидаи кишвар ба нашр расид, ки дар он нақши устодони факултети ҳуқуқшиносӣ бениҳоят бузург аст.

Бояд зикр намуд, ки дар ҳаёти ҳуқуқии кишвар саҳми факултети ҳуқуқшиносии ДМТ хело назаррас мебошад. Олимони ҳуқуқшиноси ин даргоҳи маърифат дар таҳия намудани лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқии кишвар ва омода кардани кадрҳои баландихтиссоси соҳа доимо саҳм мегузоранд. Мо донишҷӯён бояд аз устодоне чун Искандаров З.Ҳ., Сотиволдиев Р.Ш., Холиқов А.Ғ., Шарипов Т.Ш., Насурдинов Э.С., Ҷамшедов Ҷ, Сафаров Д.С. ва дигар устодони соҳибтаҷрибаи ин даргоҳ илму дониши ҳуқуқии сатҳи олӣ гирем. Мо бояд ифтихор ва шукр кунем, ки чунин шахсиятҳо барои мо дарс мегӯянд.

Дар охир ман ҳамчун донишҷӯ ба ҷавонон якчанд пешниҳод дорам: 1) Ҷавонон бояд қавӣ бошанд. Қавӣ будан ба маънои иттилоъ доштан аз Сарқонун, қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқии кишвар, инчунин аз сиёсати давлати худ дар ҳама ҷо ҳимоят кардан; 2) Маълумоти комил аз таърихи гузашта, бузургону қаҳрамонон, ва арзишҳои фарҳангию таърихии миллати худ доштан ва дар арсаи байналмилалӣ аз таъриху фарҳанги хеш ҳимоят кардан; 3) Аз сиёсати истеъмории давлатҳои абарқудрат маълумоти зарурӣ доштан, ки онҳо барои ҳукмронии худ аз болои давлатҳои хурд ва паҳн намудани фарҳангашон чӣ гуна сиёсатбозиҳо карда истодаанд.

Барои расидан ба ин мақсадҳо моро зарур аст, ки дар зери соя ва ҳимояи Сарқонун хонем, хонем ва боз ҳам хонем!



**Азимҷон ҶУРАЕВ**
*донишҷӯи соли 2-юм*

## ТАЪЗИЯНОМА

Садорати факултети ҳуқуқшиносӣ ва ҳайати устодону кормандони факултет аз марги дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ

**САЛИМОВ ҲАЛИМ**

сахт андӯҳгин буда, ба хешону пайвандон ва наздикони эшон сабри ҷамил хоҳонанд.

# ТАҲЛИЛИ 20-СОЛАГИИ САРҚОНУНИ ҶТ - БОИСИ ТАВЛИДИ ҚОНУНИ ИНСОНДӮСТОНА

Пас аз ба даст овардани истиқлолият ҶТ баҳри таъмин намудани мутобиқатии меъёрҳои қонунгузории дохилии худ саъю кӯшиши беандоза ба харҷ додааст. Ба ҳамагон маълум аст, ки кишвари соҳибистиқлоламон 6 ноябри соли 1994 ба тариқи раъйпурсии умумихалқӣ санади олии ҳуқуқии худ, Сарқонунро қабул намуд, ки то ба ҳол амал намуда истодааст. Санади ҳуқуқии мазкур ба таври воқеӣ дар амал худро ба ҳайси сарчашмаи асосии қонунгузории ҷории ҶТ нишон дода, айни замон ба шумури яке аз беҳтарин санадҳои олии ҳуқуқии ҷаҳонӣ шинохта шудааст.

Қобили қайд аст, ки соли ҷорӣ дар кишвари азизамон таҷлили 20-солагии қабули ин санади тақдирсози давлату миллатамон ба нақша гирифта шудааст. Баҳри ботантана ва шукӯҳу шаҳомат барпо намудани ин солгарди муҳими давлативу ҷамъиятӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ бо мақсади ба омма расонидани аҳамиятнокии ин санади олии ҳуқуқӣ як қатор маъракаву чорабиниҳо гузаронида шуда истодааст. Аз ҷумла бо иштироки олимони варзидаи ҳуқуқшинос дар телевизион ва радио намоишҳои гуногун вобаста ба таърихи инкишофи конститутсия, аҳамиятнокӣ ва мавқеи ишғолнамудаи он байни санадҳои дигари ҳуқуқӣ, нақши он дар ҳаёти имрӯзаамон ва ғайра барпо гардида, шахсони мансабдори мақомоти давлатӣ, аз қабили прокуророн, судяҳо, шахсони алоҳидаи мансабдори давлатӣ, вакилони халқӣ ва дигарон низ тавассути нигоштани мақолаҳои гуногун низ тарғибу ташвиқи аҳамиятнокии конститутсияамонро дар нашриёти даврӣ идома дода истодаанд.

Зикр бояд кард, ки аз ҷониби Президенти ҶТ, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон низ баҳри сазовор пешвоз гирифтани солгарди қабули ин санади олии ҳуқуқии кишварамон як иқдоми нек ва башардӯстона ба вуқӯъ пайваст. Ин ҳам бошад, аз ҷониби ӯ пешниҳод намудани лоиҳаи Қонуни ҶТ "Дар бораи авф" барои баррасӣ ба Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ мебошад. Ин амали Президенти ҶТ нишондиҳандаи риояи меъёрҳои моддаи 5-и Конститутсия мебошад.



*Фирдавсизода Комрон донишҷӯи соли 2-юм*

Таърихи навини давронии истиқлолияти Ҷумҳуриамон далолат аз он мекунад, ки қабул гаштани чунин санадҳои авф чун анъана вобаста ба ягон маъракаи муҳими сиёсӣ, давлативу ҷамъиятӣ иртибот дорад. Пешниҳоди лоиҳаи Қонуни ҶТ "Дар бораи авф" аз ҷониби Президенти кишвар низ аҳамиятнокии таҷлили 20-солагии Сарқонуни кишварамонро бори дигар тасдиқ менамояд.

Хотирнишон бояд сохт, ки тартиби таҳияи санади ҳуқуқӣ доир ба авф, шартҳои татбиқшавии авф нисбати ашхоси гуногун дар қонунгузории ҶТ ба таври аниқ дарҷ гаштаанд. Аз он ҷумла тибқи моддаи 59-и Конститутсияи ҶТ лоиҳаи Қонун дар бораи авф аз тарафи Президенти ҶТ ба Маҷлиси Намояндагон пешниҳод мешавад. Моддаи 82-и Кодекси ҷиноятии ҶТ бошад, авфро чун як падидаи мустақили қонунгузории ҷиноятӣ дар худ дарҷ намуда, тартиби қабулшавии қонун дар бораи авф, доираи ашхосе, ки нисбати онҳо меъёрҳои қонун дар бораи авф паҳн мегардад, шартҳои татбиқшавии авф ва дигар ҳолатҳои ба он вобастаро инъикос намудааст. Моддаи мазкур бо моддаи 9-и Кодекси ҷиноятии кишварамон, ки принсипи инсондӯстиро дарҷ кардааст алоқамандӣ дорад. Президенти кишварамон, ки тибқи моддаи 64-и Конститутсияи ҶТ ба ҳайси ҳомии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд шинохта шудааст, бо пешниҳоди санади авф бори дигар сиёсати инсондӯстонаи давлатамонро тасдиқ намуд.

## САРҚОНУН - РОҲНАМО

Сарқонун аст бахти мо,
Ҳам тоҷу ҳам тахти мо.
Шукр, ки вай баромад,
Дар ҳаёти сахти мо.
Қонун ҳамеша ба мо,
Кунад хизмат доимо.
Дар ҳаёти имрӯза,
Моро бувад раҳнамо.
Гар қонунро нахонӣ,
Доим хору ҳайронӣ.
Андар миёни ҳаёт,
Дар чораҳа мемонӣ.
Хоҳӣ, ки бошӣ хандон,
Қонуни худро бидон.
В-гарна аз ҷазояш,
Меравӣ ту ба зиндон.

*Бобохонов Фаридун Аламшоевич донишҷӯи соли 1 (МБҲ)*

# АЗ ТАЪРИХИ ҚАБУЛИ САРҚОНУН

6-уми ноябри соли 2014 мардуми шарифи Тоҷикистон 20-умин солгарди Сарқонуни давлати соҳибистиқлоли худро ҷашн мегиранд. Ин санаи таърихӣ дар қалби оммаи мардуми тоҷик чун рӯзи эҳёи миллат, рӯзи баргашт ба давлатдорӣ, рӯзи шукргузорӣ аз меҳан, рӯзи худшиносиву худогоҳӣ, рӯзи арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ ва билохира, рӯзи нахустин Қонуни асосии давлати тозабунёду соҳибистиқлоли тоҷик нақш ҳоҳад баст. Зеро он дастоварди бузурги халқи тоҷик мебошад, ки баъд аз гузашти ҳазор соли давлати Сомониён ба ин мардуми куҳанбунёду худогоҳ Худованд насиб гардонид.

Ҳанӯз дар замони ҳукмронии Ҳахоманишиён-дар садаи панҷуми пеш аз мелод Эъломияи ҳуқуқи башари Куруши Кабир содир гардида буд, ки асоси бунёди онро таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва адлу масъулияти баланди давлатдорӣ ташкил менамуд, аммо мавриди тазаккур аст, ки ин гуна санадҳои олӣ аз тарафи ҳукмфармоёни содир мегардиданд ва халқ ба ҷуз қабул ва иҷрои он чораи дигаре надошт. Аз замоне, ки Протогор инсонро ченаки ҳамаи арзишҳо номида буд, қариб се ҳазор сол гузаштааст ва имрӯз Сарқонуни ҶТ инсонро арзиши олӣ эътироф намудааст, ки аз Конститутсияҳои замони Шӯравӣ тавофут ва бартарӣ дорад.

Таърихи қабули ин санади олии халқи тоҷик аз марҳилаҳои гуногун иборат мебошад. Қабули Конститутсияи навин ҳанӯз дар Қарори Шӯрои Олии ҶТ "Дар бораи эълони истиқлолияти давлатии ҶТ" пешбинӣ гардида буд. Аз сабаби он, ки дар мамлакат нооромиҳову гирдиҳамоиҳо дар моҳҳои август ва сентябри соли 1991ҳукмфармой мекард, таҳияи лоиҳаи Конститутсия ба таъхир гузошта шуд.

Пас аз ин бо фармони Президенти давр Раҳмон Набиев 10 феврали соли 1992 гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Қонуни асосӣ таъсис дода шуд. Охири моҳи апрели соли 1992 лоиҳаи Қонуни асосӣ барои муҳокимаи шаҳрвандон дар матбуот нашр гардид, аммо вазъияти дар мамлакат ноором ва муташанниҷ буд. Вазъи бавуҷудомадаро ба инобат гирифта, бо Қарори Шӯрои Олии ҶТ "Дар бораи вазъи сиёсӣ дар ҶТ" мӯҳлати муҳокимаи лоиҳа то 1 июли соли 1992 дароз карда шуд, вале низоъҳои байни тоҷикон бори дигар авҷ гирифта, раванди ислоҳоти конститутсиониро ба таъхир гузошт.

Масъалаи таҳия, муҳокима ва қабули Конститутсияи нав пас аз ба итмом расидани сессияи XVI-уми Шӯрои Олии ҶТ аз нав мавриди муҳокима қарор дода шуд ва бояд зикр намуд, ки ин сессия дар баркарор намудани сохти конститутсионии кишвар нақши ниҳоят бузургро иҷро намудааст. Метавон гуфт, ки Сарқонуни ҳоло амалкунанда натиҷаи амалӣ гаштани қарорҳои сессияи XVI-уми Шӯрои Олии ҶТ мебошад. Дар ин сессия қарор дар хусуси ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қарори Шӯрои Олии ҶТ аз 23 августи соли 1990 "Дар бораи ташкили комиссия оид ба тайёр намудани Конститутсияи ҶТ" қабул карда шуд, ки дар асоси он Коммисияи нави конститутсионӣ тахти роҳбарии Раиси Шӯрои Олии ҶТ таъсис гардид.

Пас аз ин, дар иҷлосияи 17-уми Шӯрои Олии ҶТ аз 26 июли соли 1993 дар бораи тағйир додани ҳайати комиссияи конститутсионӣ қарор қабул намуд, ки сарварии онро Раиси Шурои Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ба зимма дошт ва ба ҳайати он олимон, кормандон ва коршиносон шомил буданд.

Гурӯҳи кории таъсисдодашуда дар давоми шаш моҳи фаъолияташ ду лоиҳаи Конститутсияро омода кард, ки яке шакли идораи парламентиро инъикос менамуду дигаре шакли идораи президентиро. Баъд аз муҳокима комиссияи конститутсионӣ лоиҳаи конститутсияеро, ки шакли идоракунии президентиро таҷассум мекард, интихоб намуд ва он барои муҳокимаи умумихалқӣ дар матбуот нашр гардид.

Дар санаи 21-22-уми июли соли 1994 иҷлосияи 19-уми Шурои Олӣ баргузор гардид ва лоиҳаи Конститутсияро ба райъпурсӣ тавсия намуд, ки дар асоси ин 13 апрели соли 1994 лоиҳаи Конститутсия барои муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод карда шуд.

Аз рӯи маълумотҳои мавҷудбуда, дар муддати зиёда аз ду моҳи муҳокимаи лоиҳа аз ҷониби мардуми кишвар ва ҳамватанони бурунмарзӣ зиёда аз ҳаштуним ҳазор пешниҳод ба Шӯрои Олӣ ворид гардид ва ин лоиҳа аз тарафи шаҳрвандони дохиливу созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ баҳои мусбатро мегирифт.

Ниҳоят, марҳилаи охирини ин санади олӣ дар таърихи 6 ноябри соли 1994 ба итмом расид. Конститутсия бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. Дар асоси факту рақамҳои имрӯза натиҷаи расмии раъйпурсӣ чунин нишон дода мешавад: дар 64 ҳавзаи овоздиҳӣ 2685724 шаҳрванд ба рӯйхат гирифта шуда буд, ки аз ин шумора дар раъйпурсӣ 2535437 нафар ё ин ки 94,4 фоиз ширкат варзиданд ва ба тарафдории Конститутсия 2352554 нафар ё ин ки 87,59 фоиз овоз доданд, ки ин натиҷаи дилхоҳ ба ҳисоб мерафт. Ҳамин тариқ, Сарқонуни соҳибистиқлоли Тоҷикистон аз ҷониби халқ маҳкул дониста шуд ва қабул гардид.

Сарқонун дурнамои пешрафти ҶТ-ро муайян намудааст ва метавон онро ҳуҷҷати барномавӣ номид. Дар таърих маълум аст, ки ҳар конститутсияе, ки қабул ва мавриди амал қарор мегирад барои як муддати муайян қабул гардида, вобаста ба пешрафти ҷомеа зарурият ба миён меояд то он ҳам ҷавобгӯ ба талаботи давр гардад.

Баъди оне ки дар мамлакат 27 июни соли 1997 Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ қабул гардид, дар мамлакат марҳилаи нави инкишоф ба миён омад. Аз ин хотир бори нахуст 26 сентябри соли 1999 зарурият фароҳам омад то ба Конститутсия тағйиру иловаҳо ворид гардад. Дар асоси тағйиру иловаҳои ба Конститутсия воридгардида дар мамлакат парламенти доимоамалкунандаи касбӣ таъсис ёфт. Мӯҳлати ваколатҳои Президент ба ҳафт сол ва мӯҳлати ваколатҳои судяҳо ба даҳ сол расонида шуд. Президент вазифадор гардид дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии мамлакат дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси Намояндагон баромад намояд. Ба Президент ҳуқуқи таъини раъйпурсӣ дода шуд.

Ҳарчанд соли 1999 тағйиру иловаҳои зиёде ба Конститутсия ворид гардид, аммо камбудиву нуқсонҳои дар матни он ҷой дошта пурра бартараф нагардид. Билохира зарурият ба миён омад то 22 июни соли 2003 тағйиру иловаҳои навбатӣ ба Сарқонун ворид гардад ва ин тағйиру иловаҳо дар маҷмӯъ дарбаргирандаи чор қисми асосӣ буд: а) ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд; б) низоми давлатӣ; в) муқарраротӣ интиқолӣ; г) тахрири тасҳеҳи Сарқонуни мамлакат;

Дар натиҷаи ин тағйиру иловаҳо инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ эътироф карда шуд. Раъйпурсии умумихалқӣ ва интихобот ҳамчун шакли олии ифодаи бевоситаи ҳокимияти халқ муқаррар гардид, ҳизбҳои сиёсӣ чун унсури низоми сиёсӣ шинохта шуданд; синни 25-солагӣ ва таҳсилоти олӣ барои интихоб шудан ба мансаби вакили Маҷлиси намояндагон, синни 35-солагӣ ва таҳсилоти олӣ барои аъзои Маҷлиси миллӣ муқаррар шуд. Салоҳиятҳои Президенти ҶТ мушаххас гардиданд, ба низоми судӣ Суди иқтисодии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоятҳо ва шаҳри Душанбе ворид карда шуданд, инчунин мисоли ин тағйиру иловаҳои зиёди дигар дар ин сол ба Сарқонун ворид гардид.

Дар маҷмӯъ, тағйиру иловаҳои ба Сарқонун воридгардида мазмуну муҳтавои онро такмил дода, воқеияти замони худро инъикос намуд ва барои рушду такомули низоми сиёсии навини ҷомеаи заминаи устувореро гузошт ва тағйиру иловаҳои воридгардидаро метавон ду марҳилаи нави инкишофи конститутсионӣ хонд.

Сарқонун дастгири раҳнамои халқи тоҷик мебошад ва вазифаи муқаддаси ҳар шаҳрванди мамлакат аст, то онро риояву ҳифз намояд!



**Некрӯзи Файзизода донишҷӯи соли 2 (МБҲ)**

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС
Муассис: факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

и.в. сармуҳаррир: Ҷаҳонгир Саъдизода
jahon_1967@mail.ru
Тарроҳ: Ҳамидулло АЗИЗОВ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
Насурдинов Э. С. доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
Сафаров Б.А. дотсент, муовини ректор оид ба илм;
Қурбонов Қ.Б. муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ;
Камолов И. И. дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ;
Сулаймонов Ф. С. дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ;

ҲАЙАТИ МУШОВАРА:
Саид Нуриддин Саид вазири маориф ва илми ҶТ, профессор;
Давлатов Ҷ. М. ёрдамчии Президенти ҶТ оид ба сиёсати ҳуқуқӣ;
Имомов М. С. ректори ДМТ, профессор, узви вобастаи АИ ҶТ;
Тоҳиров Ф. Т. профессор, академики АИ ҶТ,
Маҳмудзода М. А. профессор, академики АИ ҶТ, раиси Суди Конститутсионии ҶТ;
Раҳимов М.З. директори маркази миллии қонунгузории назди Президенти ҶТ, профессор
Диноршоев М. профессор, академики АИ ҶТ.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ тахти №0336/рз аз 28-уми феврали соли 2013 ба қайд гирифта шудааст. Нишонии идора: ш.Душанбе, Буни Ҳисорак, Шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: 985-38-38-67, 918-56- 07- 07. Теъдод: 1000